# ДАР ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ ОЗОДОНА ВА ФАРОВОН ЗИНДАГӢ КУНЕМ!

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рўзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

31 июли соли 2021. Шанбе

№ 59 (14760)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail:
ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

# МУБОРАКБОДӢ БА ХАЛҚИ ЎЗБЕКИСТОН БА МУНОСИБАТИ РЎЗИ ДЎСТИИ ХАЛҚҲО

Ҳамватанони муҳтарам!

Дўстони азиз!

Шумо, тамоми мардуми сермиллати Ўзбекистонро бо Рўзи дўстии халқҳо, ки дар кишвари мо бори аввал таҷлил мегардад, самимона, аз таҳти дил муборакбод менамоям, ба ҳамаи шумо эҳтироми амиқ ва орзуву омоли беҳтарини худро иброз медорам.

Маълум аст, ки мувофиқи баённомаи Ассамблеяи Генералии СММ 30 июл дар тамоми ҷаҳон ба сифати Рўзи байналмилалии дўстӣ қайд карда мешавад. Дар Ўзбекистон дар пояи қонуне, ки 10 феврали соли равон қабул гардид, ин сана ҳамчун Рўзи дўстии халқҳо муқаррар карда шуд. Таъсис додани ҷашни мазкур барои тамоми сокинони ҷумҳурӣ ҳодисаи деринтизор гардид.

Сарзамини куҳан ва саховатманди мо дар тўли асрҳои зиёд дар чорроҳаи Шоҳроҳи абрешим қарор дошт, маркази ҳамгароии тамаддун ва фарҳангҳои мухталиф буд, нафақат робитаҳои тиҷоратӣ, балки алоқаҳои башардўстона амалӣ мешуданд. Маҳз муносибатҳои дўстонаву некҳамсоягии намояндагони халқҳои мухталиф, ки дар ин сарзамин буду бош доранд, барои рушди мутамаддини тамаддун ва динҳои минтақаи мо такони пурқувват гардиданд.

Воқеан, дар замонҳои мушкил ҳам гузаштагони мо тамоми душворӣ ва санҷишҳоро, пеш аз ҳама бо такя ба ваҳдату ягонагӣ, фидокорӣ, инсонпарварӣ ва кушодадилии халқи сермиллати мо паси сар кардаанд.

Ўзбекистон кишвари дорои захираҳои бузург аст. Вале сарвати бузургтарини мо ин сулҳу салоҳ, эҳтироми тарафайни байни намояндагони миллат ва динҳои мухталиф мебошад.

Мо барҳақ бо ин сарвати бебаҳои худ ифтихор мекунем ва тамоми нирўву имконияти давлату ҷамъиятамонро ба таҳкими муҳити дўстӣ ва ҳамдилӣ дар мамлакат сафарбар менамоем.

Дар Ўзбекистони мустақил мустаҳкам кардани ҳамдилии байнимиллӣ ва байнидинӣ, ҳусни тафоҳум, тарбияи насли наврас дар рўҳи кушодадилӣ, эҳтиром ба суннатҳои милливу умумиинсонӣ, ватандўстӣ аз ҷумлаи бартариҳои муҳимтарини сиёсати давлат гардиданд.

Дар Сарқонун ва қонунҳои мо сабт шудааст, ки тамоми шаҳрвандони Ҷумҳурии Ўзбекистон новобаста аз миллат, забон ва дини худ ҳуқуқ ва озодиҳои баробар доранд. Онҳо барои рушди маданият, анъана ва урфу одатҳои худ бо тамоми имкониятҳо таъмин мебошанд.

Солҳои охир корҳое, ки дар ин самт татбиқ мегарданд, бинобар сифат ва мазмуни худ ба дараҷаи нав, ба сатҳи баланд бардошта шуданд.

Ҳоло мо дар назди худ мақсади бузург – бунёди Ўзбекистони навро гузоштем. Бидуни шубҳа, дар ин роҳ муҳити дўстӣ ва ваҳдат, ки дар ҷомеаи мо устувор гардидааст, асоси мустаҳками ҳифз ва таҳкими сулҳу эътидол дар мамлакат, пешрафти мустақим бинобар роҳи ислоҳоту навсозӣ, рушди нуфузи он дар арсаи байналхалқӣ ба шумор меравад.

Дўстони муҳтарам!

Тавре ки шумо медонед, мо Консепсияи сиёсати давлатро дар соҳаи муносибатҳои байнимиллӣ қабул кардем. Ҳуҷҷати мазкур бобати баланд бардоштани самаранокии корҳои мустақими мо дар самти мазкур асоси муҳими ҳуқуқӣ гардид.

Ҳамаи моро он чиз хурсанд мекунад, ки алҳол дар мамлакат намояндагони беш аз 130 миллат ва халқият дар оилаи ягона ва бародарона зисту зиндагӣ доранд. Онҳо дар тамоми соҳа ва ҷабҳаҳо фидокорона меҳнат мекунанд ва ба рушду гул-гулшукуфии Ўзбекистони азиз саҳми сазовор мегузоранд.

Созмонҳои динии 16 мазҳаб фаъолияти худро озодона амалӣ менамоянд. Дар ҳамоҳангсозии минбаъдаи муносибатҳои байнимиллии мамлакат 150 марказҳои фарҳангии миллӣ нақши бузург доранд. Фаъолияти бисёрҷанбаи онҳо ҳамаҷониба дастгирӣ карда мешавад. Аз ҷумла, Бунёди ҷамъиятии назди Олий Маҷлис барои ин мақсадҳо маблағҳои зиёдеро сафарбар менамояд, субсидия ва грантҳои мухталиф ҷудо карда мешаванд.

Дар Тошканд Боғи дўстӣ бунёд меёбад, дар пойтахт ва минтақаҳо Хонаҳои дўстӣ қад мекашанд, ки маркази ҳамгароӣ барои шаҳрвандони мо мегарданд.

Дар муассисаҳои давлатии таълимӣ бо 7 забон таълим дода мешавад, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон барномаву гуфторҳои худро ба 12 забон пахш менамояд.

Солҳои охир мо ба пурзўр кардани робитаҳо бо ҳамватанони худ, ки дар хориҷа зисту зиндагӣ доранд, эътибори махсус медиҳем. Дар ин самт барномаи чорабиниҳо татбиқ мегарданд.

Ҳамаи мо саҳми сазовори намояндагони миллат ва халқиятҳои мухталиф, аз ҷумла роҳбарон ва фаъолони марказҳои миллии фарҳангиеро, ки дар кишварамон зисту зиндагонӣ ва барои саодати Ватан фидокорона меҳнат мекунанд, хуб медонем ва баланд арзёбӣ менамоем.

Дар байни онҳо мехостам арбобони машҳури ҷамъиятӣ, аз ҷумла Виктор Пак, Маргарита Филонович, Галина Мелникова, Владимир Бойко, Виктория Акилова, Раҳматулло Ҷабборов, Ришат Набиулин, Гуландом Субҳонова, Ҳанифа Салиҳова, Умриузоқ Қувватов, Серикбай Усенев, Кайкеп Алиева, Темур Кападзеро, ки барои насли наврас намунаи ибрат мебошанд, қайд намоям.

Дар арафаи ҷашни хотирнишини Рўзи дўстии халқҳо як қатор шаҳрвандони миллатҳои гуногуни мо бо мукофотҳои олии давлатӣ қадр шуданд.

Аз фурсат истифода бурда, онҳоро аз таҳти дил муборакбод менамоям ва ба ҳамаашон миннатдории амиқ изҳор мекунам.

Ҳамдиёрони муҳтарам!

Дар замони душвори кунунӣ дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон зиддиятҳои байнимилливу байнидинӣ пурзўр мегарданд. Дар чунин шароити мураккаб мо пеш аз ҳама, бояд сулҳ, эътидол ва ҳамдилии шаҳрвандиро дар ҷамъияти худ чун гавҳараки чашм эҳтиёт намоем, фарзандонамонро дар пояи суннатҳои олии маънавиву ахлоқии халқи сермиллатамон тарбия кунем.

Дўстони муҳтарам!

Бори дигар ҳамаи шуморо бо Рўзи дўстии халқҳо муборакбод менамоям.

Муътақидам, ки ин ҷашн дар қалбҳои мардуми мо мақоми сазовор пайдо мекунад ва дар ҳаётамон ба анъанаи нек табдил меёбад.

Ба ҳамаи шумо сиҳҳату саломатӣ, комёбиҳо, ба оилаҳоятон осудагиву фаровонҳолӣ орзу мекунам!

Бигузор, дар кишвари зебои мо ҳамеша сулҳу салоҳ ҳукмрон бошад, халқи сермиллати Ўзбекистон хушбахт бошанд!

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

# ХАБАРИ МУХТАСАР

## дар бораи ҷамъомади умумии ҳабдаҳуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон

**30 июл дар Тошканд ҷамъомади ҳабдаҳуми умумии Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон ба кори худ оғоз кард.**

Ба кори ҷамъомади умумӣ, ки дар шакли алоқаи видеоконфронс гузашт, аъзои Ҳукумат, роҳбарони вазорату идораҳо, инчунин намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ иштирок карданд.

Ба кори ҷамъомад Раиси Сенат Т. Норбоева роҳбарӣ кард.

Кори ҷамъомади умумӣ мустақиман дар веб-сомонаи расмии Сенат www. senat.uz ва саҳифаҳои он дар шабакаҳои иҷтимоӣ намоиш дода шуд.

Аввал сенаторон натиҷаҳои омўзиши кумитаи Сенат оид ба масъалаҳои буҷа ва ислоҳоти иқтисодиро оид ба ҷой доштани камбудиҳо дар тарҳрезӣ, сохтмон ва таҷдиди иншооти таъминоти оби нўшокӣ дар вилояти Самарқанд ҳангоми татбиқи барномаҳои «Деҳаи обод» ва «Маҳаллаи обод», ки он дар ҷамъомади умумии шонздаҳуми Сенати Олий Маҷлис ба миён гузошта шуд, баррасӣ намуданд.

Дар ҷамъомад раиси Кумита Э.Гадоев дар бораи натиҷаҳои омўзиш маълумот дод.

Баъд аз ин масъалаи якуми рўзномаи ҷамъомади умумӣ баррасӣ гардид ва оид ба дар сатҳи байнипарлумонӣ пеш бурдани ташаббусҳое, ки дар доираи конфронси байналмилалии «Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, пайвастагии минтақавӣ. Таҳдидҳо ва имкониятҳо» (Тошканд, 15-16 июли соли 2021) пеш гузошта шудаанд, вазифаҳои устувор муайян шуданд.

Ба гуфтаи сенаторҳо, Конфронси байналмилалии Тошканд, ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш.Мирзиёев баргузор гардид, барои ташаккули шароити консептуалии нави рушди минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ рўйдоди таърихӣ гардид.

Ғайр аз ин, он имкон дод, ки тамоюлҳои пайдошудаи рушди минтақа дарк карда шуда, дурнамои асосии ҳамкории байни Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ва самтҳои муҳимтарини ҳамкорӣ муайян карда шаванд.

Чи хеле ки таъкид гардид, расидан ба ҳадафҳои конфронс иштироки фаъолонаи захираҳои дипломатияи парлумониро талаб мекунад. Вакилони парлумон метавонанд ва бояд дар муттаҳидсозии потенсиали минтақаҳо саҳм гузоранд, ки ин омили муҳими рушди устувори онҳо, пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ва таҳкими амният мегардад.

Дар қарори махсус таҳияшудаи Сенат самтҳои устувори фаъолияти палатаи болоӣ оиди тавассути механизми ҳамкории байнипарлумонӣ фаъол пеш бурдани ташаббусҳои сарвари давлат, таҳкими асосҳои ҳуқуқии ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, сармояҳо, энергетика ва инноватсия дар соҳаи рушди технологияҳои «сабз», ҳамоҳангсозии талошҳо ва кўмак дар таҳияи тадбирҳои мушаххас оид ба ҳалли мушкилоти экологӣ ва мубориза бо офатҳои табиӣ, инчунин дастгирӣ намудани ташаббусҳо оид ба ҳифзи муҳити атроф ва ғайра ифода ёфтаанд.

Ғайр аз ин, механизмҳои дахлдори дипломатияи парлумонӣ ва назорати парлумонӣ муайян карда шуданд. Аз ҷумла, васеъ гардондани шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Ўзбекистон бо давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ба мақсади мустаҳкам кардани равобити тарафайни минтақаҳо, амалӣ гардондани назорати парлумонӣ барои иҷрои барнома ва нақшаҳо оид ба рушди муносибатҳои байналмилалӣ, аз он ҷумла, бо роҳи шунидани ҳисоботи роҳбарони намояндагиҳои дипломатии Ҷумҳурии Ўзбекистон дар давлатҳои хориҷӣ дар бораи фаъолияти онҳо, мониторинги ўҳдадориҳои байналмилалӣ, аз ҷумла тасдиқи нақшаҳои миллии амал («харитаҳои роҳ») оид ба рушди муносибатҳои байни кишварҳои минтақаҳо.

Дар ҷамъомади умумӣ ба кумитаҳои Сенат, роҳбарони комиссияҳо ва гурўҳҳо оид ба ҳамкорӣ бо парлумонҳои хориҷӣ оиди васеъ ва бо мазмуни амалӣ ғанӣ гардондани ҷаласаҳои гуруҳҳо оид ба ҳамкорӣ, шунидани иттилои сарони намояндагиҳои дипломатии Ҷумҳурии Ўзбекистон дар мамлакатҳои хориҷӣ, кўмак ба амиқсозии алоқаҳои байниминтақавӣ, фаъолсозии корҳои маърифатӣ дар маҳаллаҳо, ҳавзаҳои интихоботӣ ва донишгоҳҳо ва ғайра дастуру тавсияҳои мушаххас дода шуданд.

Сипас ҳисоботи Девони Вазирони Ҷумҳурии Ўзбекистон бобати иҷрои Барномаи давлатӣ дар нимсолаи аввали соли 2021 оид ба татбиқ сохтани Стратегияи амалиёт доир ба панҷ самти бартариноки рушди Ҷумҳурии Ўзбекистон дар солҳои 2017-2021 дар «Соли дастгирии ҷавонон ва таҳкими саломатии аҳолӣ» шунида шуд.

Қайд гардид, ки Барномаи давлатӣ аз 273 модда иборат аст, дар нимсолаи аввали соли 2021-ум таъмин сохтани иҷрои 116 модда пешбинӣ гардида буд. 89-тои онҳо куллан иҷро шуданд, муҳлати татбиқ кардани 2 модда бо тартиби муқарраршуда дароз гардид. Вазифаҳои 7 моддаи Барнома пеш аз муҳлат иҷро гардиданд, бобати 82 модда, ки иҷрояшон дар тўли сол ба нақша гирифта шудааст, корҳои дахлдор амалӣ мегарданд.

**(Давомаш дар саҳ.3).**

# ФАРЗАНДИ ТУ ҲАСТЕМ, ЎЗБЕКИСТОНИ АЗИЗ!

**Рўзи дўстии халқҳо, ки бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев дар кишварамон таъсис ёфт, дар Ўзбекистони сермиллат ба таври васеъ, савияи олӣ ва рўҳи баланд бори аввал таҷлил мегардад.**

Ба муносибати санаи мазкур, ки дар ҷумҳурии мо бори аввал қайд карда мешавад, мувофиқи фармони раҳбари давлат як қатор ҳамдиёронамон бо мукофотҳои олии Ватан – ордену медалҳо, нишонҳо мукофотонида шуданд.

Дар пойтахтамон бахшида ба супурдани ин мукофотҳо ба соҳибонашон чорабинии тантанавӣ баргузор шуд. Дар он намояндагони вазорату идораҳои гуногуни мамлакат, созмонҳои ҷамъиятӣ, вакилони марказҳои маданию миллӣ, ҳамдиёроне, ки дар кишварамон барои мустаҳкам кардани дўстии байни миллатҳо саҳми муносиб гузоштаанд, даъват карда шуданд. Дар мамлакат барои ба таври онлайн дар тамоми ҳудудҳо тамошо кардани ин ҷараён имконият фароҳам оварда шуд.

Номаи табрикии Президентамонро ба муносибати Рўзи дўстии халқҳо раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон Танзила Норбоева хонда дод.

Диёри мо аз азал бо дўстӣ, аҳлӣ, ҳамҷиҳатӣ, меҳру оқибат, муҳити саховат дар ҷаҳон ном баровардааст. Солҳои истиқлол ба ҳамгароии тарафайни байни миллатҳо ва мазҳабҳои динӣ, таъмин сохтани истиқрори иҷтимоӣ дар кишвар ба сифати сиёсати устувори давлат эътибор дода мешавад. Барои таъмин сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои тамоми миллат ва халқиятҳое, ки дар мамлакат буду бош доранд, таълим гирифтани онҳо, соҳиби касбу ҳунар шуданашон, баҳри ба амал татбиқ намудани кулли ҳуқуқҳои конститутсиявиашон имконият ва шароитҳои васеъ фароҳам оварда мешаванд.

Бо ташаббуси роҳбари давлат Шавкат Мирзиёев тўли солҳои охир дар кишвари сермиллати мо ҳифзи манфиати кулли шаҳрвандон, ба тарзи нав ба роҳ мондани робитаҳои ҳамкорӣ бо давлатҳои хориҷӣ ва ҳамсоя, дар ин бобат такя кардан ба тамоилҳои ҳамсоягии нек, чун гавҳараки чашм ҳифз ва эҳтиёт кардани ҳамгароии байни миллатҳо эътибори махсус зоҳир мегардад.

Дар ҷараёни бунёди Ўзбекистони нав масъалаи ҳифзи ҳамҷиҳатии байни миллатҳо дар Стратегияи амалиёт доир ба панҷ самти устувори рушди Ҷумҳурии Ўзбекистон, Муроҷиатномаи Президент ба Олий Маҷлис ва халқи кишвар, дар маърўзаҳои ў аз минбарҳои баланд таҷассум ёфтааст.

Мувофиқи фармони дахлдор дар назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Ўзбекистон Кумитаи муносибатҳои байнимиллӣ ва алоқаҳои дўстӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ ташкил карда шуд. Дар соҳаи муносибатҳои байнимиллӣ Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки нуқтаи назари ягонаи мақсадҳои сиёсати давлатӣ, раванд ва самтҳои асосии соҳаи мазкурро таҷассум менамоянд, нақши бузург дорад. Корҳои амалие, ки дар Ўзбекистон барои мустаҳкам кардани дўстии байнимиллӣ ва байнидинии мазҳабҳо, фароҳам овардани муҳити ваҳдат ва ҳамҷимҳатии тарафайн амалӣ мешаванд, дар миқёси байналхалқӣ низ баланд эътироф мегарданд.

...Оҳанги тантанавӣ садо медиҳад. Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон Т.Норбоева ба вакилони марказҳои милливу маданӣ, ҳамдиёрони фидокорамон орден ва медалҳои Ватанро месупорад. Ҳамчунин нишони сарисинагии «Дўстии халқҳо» супурда шуд.

– Ман аз он ки фарзанди Ўзбекистони азиз мебошам, бағоят ифтихор дорам, – мегўяд барандаи ордени «Фидокорона хизматлари учун», роҳбари маркази миллию мадании қирғизҳо Раҳматилла Ҷабборов. – Дар мамлакатамон зисту зиндагии осоиштаи вакилони тамоми миллат ва халқиятҳо, имконияти таълим гирифтани онҳо, шароитҳое, ки барои зоҳир кардани иқтидори онҳо фароҳам оварда шудаанд, ба мо эҳсоси мамнуният ва илҳом мебахшад.

Ҷашн идома меёбад. Сару либоси намояндагони миллат ва халқиятҳои мухталиф гуногун, лекин мақсаду мароми онҳо ягона – дидани рўзгори оромму осуда, пурфайзу фаровон, маъмуру пешрафтаи Ўзбекистони муборак аст!

Чорабинӣ бо барномаи калони консертии устодони санъат ва ҷавонони эҷодкор пуршукўҳ ва завқбахш гузашт.

Дар чорабинии тантанавӣ мушовири Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Абдуҷаббор Абдувоҳитов иштирок кард.

**Назокат УСМОНОВА,**
**хабарнигори ЎзА.**

**Тавре ки хабар дода будем, аз 23 июл Комиссии маркази интихоботӣ дар бораи эълони оғози маъракаи интихоботӣ оид ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон қарор қабул намуд.**

# ВАКОЛАТДОРОН САБТИ НОМ ГАРДИДАНД

Пас аз ин намояндагони панҷ ҳизби сиёсӣ, ки дар мамлакат фаъолият доранд, намояндагони соҳибваколати худро таъин намуда, барои сабти ном намудани онҳо ҳуҷҷатҳои дахлдорро ба КМИ пешниҳод намуданд.

Бинобар он Комиссияи маркази интихоботӣ пас аз баррасии ҳуҷҷатҳо дар бораи сабти ном ва супурдани гувоҳномаҳои намунаи муқарраргардида ба намояндагони соҳибваколате, ки роҳбарияти Ҷунбиши соҳибкорон ва корчаллонҳо ҳизби либералӣ-демократии Ўзбекистон, Ҳизби сотсиал-демократии Ўзбекистон «Адолат», Ҳизби демократии «Миллий тикланиш», Ҳизби халқӣ-демократии Ўзбекистон ва ҳамчунин Ҳизби экологии Ўзбекистон қарор қабул намуд ва ба намояндагони соҳибваколати ҳизбҳои сиёсӣ гувоҳнома (мандатҳо)-ро раиси КМИ З.Низомхоҷаев дар бораи сабти ном гардиданашон супурд.

Бинобар қонунгузорӣ, муддати ваколати намояндагони соҳибваколати ҳизбҳои сиёсӣ аз рўзи дар матбуот эълон гардидани натиҷаи интихобот ба поён хоҳад расид.

Фаъолияти соҳибаҳамияти институти мазкур дар давраи маъракаи интихоботӣ барои таъмини шаффофият, адолат ва қонунмандии интихобот ва ҳамчунин ба амал овардани назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ хидмат менамояд.

**(Мухбири худамон).**



Корхонаҳои «Bo'ston mega tekstil» ва «Bo'ston optimal tekstil»-и назди ҶММ «Bo'ston cluster»-и ноҳияи Элликқалъаи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ба азнавкоркарди пахта ихтисосонида шудааст. Ин ҷо калобаи ришта, матои ҷинсӣ ва сачоқи маҳин барин чанд навъи маҳсулот истеҳсол мегардад.

Корхонаи «Bo'ston mega tekstil» соле қуввати азнавкоркарди 5 ҳазор тонна пахтаро доро аст, ки аз он 4 ҳазор тонна калобаи ришта, 10 миллион метри мукааб матои ҷинсӣ истеҳсол мекунанд.

Ба лоиҳаи мазкур аз филиали Урганҷи Бонки миллии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ба миқдори 227,8 ҳазор доллари ИМА маблағ ҷудо гардида, аз кишварҳои Олмон, Чин, Ҷопон ва Белгия ускунаҳои замонавии дўзандагӣ оварда насб намуданд.

Корхона давоми 5 моҳи соли ҷорӣ 1300 тонна калобаи ришта истеҳсол намуда, ба миқдори 1496,0 ҳазор доллари ИМА маҳсулотро ба давлатҳои Чин ва Туркия содир кард.

**Дар сурат:** дар корхонаи «Bo'ston mega tekstil».

**Суратгир:**
**М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).**

30-июл – Рӯзи дӯстии халқҳо

**Дар Самарқанд намояндагони миллатҳои гуногун чун фарзандони як оила дӯстона ва дар сулҳу салоҳ зиндагӣ ба сар мебаранд. Боиси хурсандист, ки ба туфайли сиёсати оқилонаи давлати мо ҳар як миллат урфу одат, санъату маданияти худро пос медорад.**

# БАНИ ОДАМ АЪЗОИ ЯКДИГАРАНД....

Мо дар арафаи Рӯзи дӯстии халқҳо бо раисони марказҳои миллӣ-мадании вилоят суҳбат оростем.

— Дар Самарқанд ба расмият беш аз 280 ҳазор нафар тоҷикон ҳаёт ба сар мебаранд, – иброз дошт раиси маркази тоҷикони вилоят Акбар Маҳмудов, – барои мо мактаб, рӯзнома, барномаи телевизиону радио ва дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд гурӯҳҳои тоҷикӣ арзи вуҷуд доранд. Бо ташаббуси марказ шаби эҷодии шоирону олимони маъруф Ҳабиб Юсуфӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ, Холиқ Мирзозода, ҳофизи машҳур Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов ва дигарон ба вуқӯъ пайваст.

Се сол қабл аз ин дар таърихи муносибатҳои дӯстонаи халқҳои тоҷику ӯзбек саҳифаи нав боз шуд ва он бо хати заррин ба саҳифаи таърих сабт ёфт. Ин муносибатҳои неку созанда, бешак, бо ибтикору дурандешии Президент Шавкат Мирзиёев вобаста аст. Имрӯз барои муошират ва рафтуомади озодонаи шаҳрвандони ҳар ду кишвар ҷиҳати дидорбинии хешу табор, ёру дӯстон ва саёҳату тиҷорат тамоми имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шуд. Дар ин самт аҳли фарҳанг фаъол ҳастанд.

— Барои ба миллати араб мансуб будагон низ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шуд, — ба суҳбат ҳамроҳ гардид раиси маркази миллӣ-мадании араб Хушбахт Худойқулов, – чанде пеш маркази мо ба қайд гирифта шуд ва барои фаъолият хонаи махсус доданд. Ҳоло беш аз сӣ нафар фаъолон дорем, ки дар бисёр самтҳо кор мебаранд. Дар деҳаи Арабхона курси махсуси ёд гирифтани забони арабӣ ташкил гардид.

Бояд таъкид намуд, ки дар Самарқанд 11 маркази миллӣ-фарҳангӣ дар як бино ҷойгир шуда, барои мустаҳкам кардани дӯстии халқҳо хизмат мекунанд, зеро ба гуфтаи Шайх Саъдӣ:

*Бани одам аъзои*
*якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як*
*гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад*
*рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад*
*қарор...*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ДӮСТ ОЯД, ГАРМ ДАР ОҒӮШ ГИР...

**30 июл Маркази миллии тоҷикону ӯзбекони ноҳияи Риштон намуди идонаро касб намуд. Дар ин ҷо бахшида ба Рӯзи байналмилалии дӯстӣ чорабинии доманфарохи фарҳангӣ баргузор гардид. Он таҳти унвони “Ӯзбекистон – кишвари дӯстиву рафоқат ва таҳаммулпазирӣ” ба вуқӯъ пайваст.**



Дар майдони васеи марказ парчамҳои Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон парфишонӣ менамуданд ва аз он шаҳодат медоданд, ки ӯзбек, тоҷик, қирғиз ва қазоқ дар ин сарзамини бекарон дар фазои иттиҳоду ҳамбастагӣ ва сулҳу субот ба сар мебаранд ва боҳам дӯстону бародарони қаринанд.

Дар ин чорабинии фарҳангӣ намояндагони илму адабу маърифат, шоирону нависандагон, собиқадорони меҳнат, кулолони номии Риштонзамин ва меҳмонон аз чаҳор гӯшаи ноҳия гирдиҳам омаданд, ки ба миллатҳои гуногун мутааллиқ мебошанд.

Маросимро ноиби сардори шуъбаи маҳалла ва пуштибони оилаи ноҳия, иҷрокунандаи раиси Маркази тоҷик-ӯзбек Турсунхӯҷа Абдураҳмонов бо сухани муқаддимавӣ ҳусни ифтитоҳ бахшид.

– Дар ноҳияи Риштон намояндагони миллатҳои гуногун дар фазои дӯстиву рафоқат ва ҳамгироӣ зиндагӣ мекунанд. Тоҷикон дар ноҳия дар ҷои дуюм қарор доранд ва ҳудуди 40 ҳазор нафарро ташкил менамоянд. Соли севум аст, ки дар ноҳия Маркази тоҷик-ӯзбек фаъолият мекунад. Ин марказ дар бобати мустаҳкам шудани дӯстиву рафоқати миёни ду миллати бародар – тоҷику ӯзбек нақши муҳиму созанда мебозад. Инчунин барои рушди забону фарҳанги миллии тоҷикӣ, суннатҳову анъанаҳо ва расму оинҳои мардуми мо мусоидат менамояд,– гуфт Абдураҳмонов.

– Ассамблеяи генералии СММ 30-юми июлро “Рӯзи байналмилалии дӯстӣ” эълон кардааст. Ин созмони бонуфуз ба ин васила талқин менамояд, ки дӯстиву рафоқати байни мардуми гуногунмиллати кишварҳои олам мустаҳкам гардад, суботу барқарорӣ ва сулҳ ҳамеша пойдор боқӣ бимонад. Фарҳангҳо ва тамаддунҳо барои манфиатҳои тамоми инсоният хидмат кунанд,– гуфт узви Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон, адиби риштонӣ Ғуломҷон Фатҳиддинов.

– Ман намояндаи миллати тоҷикам ва дар ин шаҳри бостонӣ зодаву ба камол расидаам. Дар тӯли фаъолияти бисёрсолаам давлат ва ҳукумат маро хеле зиёд қадрдонӣ кардааст. Аз кулоли қаторӣ ба сифати кулоли номии Риштон муаррифӣ шудам. Мукофотҳои зиёдро ба даст овардам, дипломати ЮНЕСКО ва узви ҳақиқии Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон шудам. Ҳоло низ ба ҳар як зарфи сохтаам меҳрамро мебахшам. Ҳамаи пешрафтҳои мо маҳз натиҷаи дӯстиву рафоқати байни миллатҳо ва барқарории сулҳу субот мебошад,– изҳор кард устои кулол Шарофиддин Юсуфов.

– Солҳои дароз аз забон ва адабиёти тоҷик ба шогирдон сабақ додаам. Дар айни ҳол, бо вуҷуди нафақахӯр буданам, дар мактаби таълимоти умумии рақами 57-уми ноҳия дар вазифаи тарғиботчӣ оид ба масъалаҳои маданиву эҷодӣ машғули кор ҳастам. Дар ноҳияи Риштон миллатҳо баҳам дӯсту қаринанд. Тамоми маъракаву маросимҳои мардум бидуни иштироки якдигар намегузарад. Ин ҳол баёнгари он мебошад, ки дӯстии мардумони моро ягон чиз халалдор карда наметавонад,– гуфт зимни суханронӣ собиқадори соҳаи таълим Юлдошалӣ Додобоев.

Вай дар хотима ин байти маъруфи устод Мирзо Турсунзодаро барои иштирокчиёни чорабинии фарҳангӣ ботантана хонд:

*Дӯст ояд, гарм дар оғӯш*
*гир,*
*Расми хуби тоҷиконро гум*
*макун.*

– Қирғизҳо дар ноҳияи мо яке аз ақаллиятҳои миллиро ташкил мекунанд. Онҳо бо мардуми дигар пайвандии хешу таборӣ низ барқарор кардаанд: духтар додаву барои писари худ аз миллати дигар арӯс фаровардаанд. Мардуми қирғизтабор асосан дар ду ҷамоати шаҳрвандони ноҳияи Риштон машғули зиндагӣ ва кор мебошанд. Онҳо дар тамоми ҷанбаҳои меҳнат фаъолият менамоянд ва дар рушду ривоҷи ноҳияву вилоят ва ҷумҳурӣ саҳми амиқ мегузоранд,– иброз намуд журналисти маҳаллӣ Ҳаётҷон Бойбобоев.

Ин чорабинии дӯстиро таронаҳои марғуби овозхони шинохта Валиҷон Қодиров ва гурӯҳи раққосони назди Маркази тоҷик-ӯзбеки ноҳияи Риштон, инчунин дастаҳои ҳаваскорони санъати қирғизҳову русҳо ҳусну тароват ва шукӯҳи хос бахшид.

**М. АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
**Вилояти Фарғона.**

# Хабарҳо

## Саноати маводи сохтмон – рӯ ба ривоҷ

**Мувофиқи қарори Президент аз 28 декабри соли 2020 ҳамчунин иштироки кредит ва сармояи хориҷӣ аз ҷониби иттиҳодияи «Ӯзсаноатқурилишматериаллари» аз 39 лоиҳа, ки 867,37 миллион доллар арзиш дорад, азхуд карда шудани 327,6 миллион доллар дар соли 2021 ба нақша гирифта шудааст.**

Дар анҷумани матбуотие, ки аз ҷониби иттиҳодияи «Ӯзсаноатқурилишматериаллари» ташкил гардид, гуфта шуд, ки барои молиявисозии ин лоиҳаҳо 101 миллион доллар маблағи ташаббускорон, 11,6 млн. доллар кредити бонкӣ, 215 млн. доллар сармояи хориҷӣ ва вом равона карда мешаванд.

Таъкид ёфт дар давоми нимсолаи аввали соли равон аз ҷониби корхонаҳое, ки дар таркиби иттиҳодия қарор доранд, 348,9 миллиард сӯмина маҳсулоти саноатӣ кор карда бароварда шуд. Назар ба ҳамин давраи соли гузашта сабзиш 121,9 фоизро ташкил менамояд. Аз ҷумла аз ҷониби корхонаҳои калони саноатии таркиби иттиҳодия 3 трлн. 186 млрд. сӯмина, аз ҷониби корхонаҳои тиҷорати хурд 1 трлн. 162,9 млрд. сӯмина маҳсулот ба фармоишгарон ва харидорҳо дастрас гардонда шуд.

## Маҳсулоти корхонаҳои мо дар Русия

**Дар шаҳри Санкт-Петербург таҳти ҳамкорӣ бо Палатаи савдою саноати Русия намоиши «Made in Uzbekistan» баргузор ва дар он комёбиҳои истеҳсолгарони ӯзбекистонӣ ва ҷараёнҳои замонавии истеҳсолӣ ба маъраз гузошта шуданд.**

Он самарае буд аз ҳамкориҳо бо корхонаҳои Русия, ки вақтҳои охир гуфтушунидҳо доир ва ба мувофиқа расида буданд.

Таҳти ташаббуси Вазорати сармоя ва савдои беруна дар 12 нуқта бештар аз 100 корхона аз мамлакати мо маҳсулоти худро тақдим доштанд. Ба маҳсулоти сохтмон, электротехник, саноати бофандагӣ, матои пахтагиву трикотаж, чарм ва пойафзор, дорувор, ки дар Ӯзбекистон истеҳсол карда шудаанд, иштирокдорон таваҷҷӯҳи хосса нигаронданд. Дизайн, сифати техникӣ, нархҳои дастрас ва кафолати сесола ба талабгорон писанд афтод. Доир ба санъати амалии халқ ва соҳаи сайёҳӣ видеомавод тақдим карда шуданд. Бо иштироки доираҳои васеи коршинос ва экспертҳои пешсаф вохӯриҳо рӯи кор омаданд. Айни замон вохӯрии ӯзбекистониён бо намояндагони Иттиҳодияи соҳибкорони Маскав хотирмон сурат гирифт.

## Боҷи давлатӣ арзон мегардад

**Вақтҳои охир кормандони идораҳои нотариалӣ робитаро бо аҳолӣ хеле мустаҳкам кардаанд. Вохӯрӣ дар ҷойҳо ба баланд шудани дараҷаи маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат менамояд. Бо мақсади офаридани қулайиҳо ба сокинон низ чораҳои амалӣ андешида мешаванд.**

Дар анҷумани матбуотие, ки таҳти ҳамкории Вазорати адлияи ҷумҳурӣ ва Палатаи нотариалии Ӯзбекистон ба вуқӯъ пайваст, аз ҳамин бобат сухан рафт. Таъкид ёфт, тӯли ним соли аввали соли 2021 марбут ба расмигардонии амволи ғайриманқул дар ҷумҳурӣ 148 ҳазору 750 ҳуҷҷат қонунӣ гардонда шуд. Дар 20 сохтори 14 идораи бонуфузи нотариалӣ бинобар интегратсияи сохтори электронӣ дар ҳаракатҳои нотариусӣ пеши роҳи бюрократия ва коғазбозиҳои барзиёд гирифта шуд.

Дар суолу ҷавобҳое, ки ба миён афтоданд, журналистон пурсиданд дар расмисозии ҳуҷҷатҳои хариду фурӯши автомобилҳо пардохти боҷи давлатӣ чаро дар мамлакатҳои ИДМ аз мо сабуктар, мутахассисон ба ин суханҳо иқрор шуданд. Гуфтанд воқеан ҳам дар мо ҳам барои хидмати нотариусӣ, ҳам барои идораҳои давлатии ҳаракати роҳ, ҳам ба бунёди роҳ пардохт мавҷуд, ки ин ба аҳолӣ гаронӣ тавлид месозад. Дар хориҷ барои идораи нотариалӣ боҷи давлатӣ муқаррар нашудааст.

Ин масъала дида баромада шуда истодааст ва умед аст ба наздикӣ масъалаи арзоншавии расмисозии хариду фурӯши автомобил ҳаллу фасл гардад.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

**Танҳо дар соли 2020 барои таъмиру тармими 24 мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ дар вилояти Ҷиззах аз буҷаи ҷумҳурӣ 54,6 миллиард сӯм маблағ харҷ шудааст. Хусусан «Хонаи меҳрубонӣ»-и рақами 29-уми шаҳри Ҷиззах бар ивази 8,5 миллиард сӯм пурра рӯи таъмирро дид.**

## Масъалаи мактаб ва оби тоза муҳокима ёфт

Бо раҳнамоии Сарвари давлат Шавкат Мирзиёев ҳам таъмир ёфт ва ҳам бо ҷиҳозҳои замонавӣ таъмин гардид. Тарбиятгирандагони «Хонаи меҳрубонӣ» ба ин ҷо «Хонаи бахтноки ман» ном ниҳодаанд. Бунёди «Замин» барои ифтитоҳ додани хонаи IT кӯмаки молиявӣ расонид.

Тибқи қарори Президент «Дар бораи таъсис додани мактабҳои Президентӣ» аз 20 феврали соли 2019 дар вилояти Ҷиззах ҳам ба ин кор шурӯъ карда буданд. Дар маркази маҳаллаи Сайилҷойи шаҳри Ҷиззах ба бунёди Мактаби президентӣ моҳи апрел пойдевор гузоштанд. Мувофиқи супориши Ширкати инжиниринги «Ягона буюртмачи хизмати» фирмаи серсоҳаи хусусии «Diamond» ҳамаи корҳои бунёдкориро, ки 70 миллиард сӯмина қимат дорад, бар ӯҳда гирифтааст. Ният доранд, ки ҳамин сол ҳамаи корҳоро ба анҷом расонанд. Мактаби Президентӣ аз се бинои асосӣ иборат буда, барои 168 нафар пешбинӣ гардидааст ва дорои ҳамаи қулаиҳо мебошад. Ин масъалаи якум буда, дар брифинге, ки ҳокими вилоят Эргаш Солиев баргузор кард, муҳокимаи худро ёфтанд.

Масъалаи сонӣ оид ба рафти корҳои азиме буд, ки баҳри бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин сохтани аҳолии вилоят нигаронида шудааст.

– Бар ивази як триллион сӯм аз ҳавзаи оби Зарафшон хати оби тозаи ошомиданӣ кашида шуд, ки эҳтиёҷи беш аз 680 ҳазор нафар аҳолии сокини вилоятро қонеъ мегардонад, – гуфт ҳокими вилоят Эргаш Солиев дар қисми дуюми брифинг. – Ба кор андохтани хати оби Қизилқум – Форишро, ки 22 километр дарозӣ дорад, аз корҳои шоён метавон ном бурд.

Дар анҷом рӯзноманигорон бо саволҳои гуногун ба ҳокими вилоят рӯй оварданд. Вай ба суолҳо посух дода аз санад ва ҷавобҳои ҳокими шаҳри Ҷиззах Комил Холмуродов, мудири Садорати таълими халқи вилоят Дилфуза Садриддинова ва роҳбари корхонаи унитарии «Сувоқава»-и вилоят Зокир Мамарасуловҳо, ки ҳузур доштанд, низ истифода кард.

Рӯзноманигорон аз Маркази IT ва Қасри анҷуманҳо низ дидан карданд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
**Вилояти Ҷиззах.**

# МУКОФОТ МУБОРАК БОД!

Барои саҳми арзандаашон дар таҳкими дӯстӣ ва ризоияти байни миллатҳо дар кишвар, дар ҷомеа фароҳам овардани фазои таҳаммулпазирӣ, меҳрубонӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ байни намояндагони миллатҳо ва халқиятҳои гуногун, хидматҳои бузургашон дар ҳифз ва рушди фарҳангҳои ба худ хоси миллӣ, урфу одат, ба сатҳи нав баровардани муносибатҳои дуҷонибаи мутақобилан судманд ва робитаҳои фарҳангӣ ва башардӯстона бо кишварҳои хориҷӣ, таблиғи васеи сиёсати сулҳҷӯёна ва башардӯстонаи давлатамон дар миқёси байналмилалӣ, инчунин барои фаъолияти намунавӣ дар таълиму тарбияи насли наврас дар рӯҳи муҳаббат ва садоқат ба Ватан, эҳтироми арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷомеа мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон гурӯҳи ҳамватанонамон ба муносибати Рӯзи дӯстии халқҳо бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонда шуданд.



Боиси шодмонист, ки дар байни мукофотонидашудагон муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Овози тоҷик» Тоҷибой Икромов низ ҳаст. Ӯ бо ордени «Дӯстлик» мукофотонида шуд.

Тоҷибой Икромов фаъолияти меҳнатии худро соли 1986 баъди хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллӣ) дар таҳририяти мазкур оғоз карда, роҳи аз тарҷумонӣ то ба вазифаи муовини сармуҳаррири нашрияи Олий Маҷлис ва Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон – «Овози тоҷик»-ро тай намуд. Мавриди таъкид аст, ки мавсуф аз рӯзҳои аввали ташкилёбии Маркази миллию мадании тоҷикони пойтахт – «Ориёно» то имрӯз–фаъолияти Маркази маданию миллии тоҷикони ҷумҳурӣ дар вазифаҳои гуногуни он барои пойдориву таҳкими дӯстиву тифоқии байни миллат ва халқиятҳои кишвар саҳм мегирад.

Тоҷибой Икромов аз ҷумлаи журналистони шинохти рӯзномаи «Овози тоҷик» буда, барои рушду равнақи забон, маънавияту фарҳанги миллат дар ҷумҳурият сазоворона меҳнат мекунад.

Аҳли эҷод ва таҳририят Тоҷибой Икромовро аз номи хонандагони сершумори рӯзнома бо ин мукофоти олии Ватан сидқан ва самимона муборакбод намуда, ба ӯ сиҳҳату саломатӣ ва парвозҳои нави эҷодӣ орзу мекунанд.

Мукофот муборак бод!

**Ҳайати таҳрири «Овози тоҷик».**

# Таҷлили «Дӯстии халқҳо» дар Бухоро

30 июн дар мамлакатамон Рӯзи дӯстии халқҳо васеъ ҷашн гирифта шуд. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар шаҳри Бухоро бинои пештараи садорати бюрои иҷрои маҷбурӣ аз таъмири асосӣ бароварда, ҳамчун Маркази дӯстӣ ва ташкилоти ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ омодаи кор гардида буд. Ниҳоят, субҳи 30 июн ин бино ва гирду атрофи он намуди идона дошт. Роҳбарон ва фаъолони марказҳои миллию мадании вилоят ба ин ҷо ба утоқи кории худ бармаҳал омаданд ва садои савту сурудҳои дилнишин ба гирду атроф ҷозиба мебахшид. Ҳокими вилоят Б. Зарипов низ ин ҷо ташриф овард. Вай ба дафтари ҳар як маркази миллӣ даромада бо шароити кории ҳар яки онҳо шинос шуд, ҳозиронро бо Иди дӯстии халқҳо муборакбод гуфт. Аз ҷумла, ба Маркази миллию мадании тоҷикону форсҳои вилоят – «Офтоби суғдиён» қадам ниҳода намояндагони марказро ба забони тоҷикӣ табрик кард. Масъалаҳои ҷойдоштаро пурсид. Маросими ҳавасмандгардонии роҳбарон ва фаъолони марказҳои миллию маданӣ дар маҷлисгоҳ сурат гирифт.

– Имрӯз дар вилоят намояндагони чил миллат чун фарзандони як оила аҳлу тифоқона кору зиндагӣ мекунанд. Байни онҳо соҳибони мукофотҳои давлатӣ, олимон, намояндагони халқ ҳастанд. Қариб ҳазор нафари хатмкунандагони мактабҳои олии вилоятро имсол намояндагони миллатҳои гуногун ташкил мекунанд. Ҳоло дар вилоят 11-то марказҳои миллию маданӣ фаъолият доранд, – гуфт ҳокими вилоят.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# СОДИРОТИ МАҲСУЛОТИ АБРЕШИМ МЕАФЗОЯД

**Корхонаҳои зиёди саноатии вилоят барои содири маҳсулот ва афзоиш додани ҳаҷми он талоши зиёд ба харҷ медиҳанд. Гуфта мешавад, ки ҳадафи асосӣ ишғоли бозорҳои мамолики хориҷӣ мебошад. Кластери кирмакпарварии Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди “Нурли тонг силк”-и шаҳри Марғелон дар ин раванд хеле пешдаст шудааст.**

Ин корхона ба хориҷ аз кишвар маҳсулоти худро содир менамояд. Ҳиндустон, Чин, Куриёи Ҷанубӣ, Ветнам ва Миср аз шумори кишварҳое мебошанд, ки маҳсулоти ин корхонаро ворид мекунанд. Соли гузашта корхонаи кластерӣ ба маблағи 3 миллион доллари ИМА маҳсулоти абрешимии тайёр ва нимтайёри худро содир намудааст.

Ба гуфтаи раҳбари корхонаи мазкур Мақсудҷон Қосимов то ин давраи соли равон ҳаҷми маҳсулоти содирнамудаи он 1 миллиону 200 ҳазор долларро ташкил менамояд. Кластери кирмакпарварии Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди “Нурли тонг силк”-и шаҳри Марғелон бо шаҳру ноҳияҳои вилоят дар мавриди парвариши пилла шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонидааст. Мувофиқи ин шартнома соли равон шаҳри Қувасой ва ноҳияҳои Ӯзбекистон, Фурқат, Риштон ва Қӯштеппа барои корхонаи кластерӣ 561 тонна пиллаи хушсифат истеҳсол кардаанд.

– Корхонаи мо дар панҷ минтақаи вилоят 1 ҳазору 300 гектар ба парвариши майдонҳои тутзор машғул мебошад. Барои он ки



ҳосили кирмакпарварӣ боз ҳам афзоиш ёбад, ҳудуди 80 дарсади тутзорҳои собиқа вайрон карда шуданд ва ба ҷои он ниҳолҳои нав шинонидем. Аз кишвари Чин ба маблағи 700 ҳазор доллари амрикоӣ ниҳолҳои тут харид кардем. Барои он ки истеҳсоли маҳсулотамон боз самаранок гардад, парвариши кирмакро маҳаллӣ кунондем ва лабораторияи замонавии худро ташкил намудем, – мегӯяд Мақсудҷон Қосимов.

Маълум шуд, ки бо ташкили кластери кирмакпарварӣ дар як мавсим 13 ҳазор қуттӣ кирмак парвариш карда мешавад. Бар ин асос корхонаи мазкур тавонистааст 13 ҳазор ҷои кори мавсимӣ фароҳам оварад. Ин шуморро асосан занҳои хонанишин ташкил менамоянд.

– Мо бо соҳибкорони Чин барои содири маҳсулоти абрешим шартнома имзо намудем. Мо ӯҳдадор ҳастем, ки ба миқдори зиёд маҳсулоти шоҳӣ, сатин, атлас ва адрасро ба ин кишвар содир намоем. Ҳадафи мо аз ҳамин иборат аст, ки дар бозори Чин мавқеи худро пайдо кунем. Баъд аз он фаъолияти худро дар Куриёи Ҷанубӣ тавсеа хоҳем бахшид, – изҳор кард Мақсудҷон Қосимов.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

Ба пешвози ҷашни 30-юмин солгарди Истиқлолият

# ХОТИР ХОҲӢ, ДИЛЕРО ДАРЁБ

**Дуруст аст, ки ягон кас ба ихтиёри худ ба беморхона намеравад. Зеро дар он ҷо истироҳат намекунанд, балки дар макони шифо ба дардаш дармон меҷӯяд. Агар ёфт, ин боиси хурсандии на танҳо вай, балки аҳли оила, хешу пайвандонаш мегардад.**

**Нақли мо дар бораи роҳбари дилёбу дарёдили ин табобатгоҳи хусусии Самарқанд Азамат Васлиддинов аст.**

(Очерк)

## САФАР КАРДАН – ҶАҲОН ДИДАН

Ба дӯстон одат шудааст, ки ҳар моҳ як маротиба бо баҳонаи «гаштак» ҷамъ омада, аз дидору суҳбати якдигар баҳра баранд.

– Нишаста бӯрё – раҳпаймо дарё, – гуфт Баҳодур, – ана Президентамон дару дарвозаҳоро кушоданд. Ба саёҳат бароем, роҳхат ҳаст. Бо нархи арзон тавассути баҳри Миёназамин якбора ба се кишвари ҷаҳон – Италия, Испания, Фаронса меравем.

– Ман розӣ, – гуфт Бобур. – Беҳуда пурдида – доно, нодида – нодон, – намегӯянд.

Азамат ҳангоми наҳор таклифи гаштакчиёнро ба волидайн ошкор сохт. Сарвари оила Аслиддинамак, ки худ ҷаҳонгашта буд, чанд лаҳза ба хаёл фурӯ рафту суоломез сӯйи ҳамсараш нигарист: мазмун–шумо чӣ мегӯед?

– Дадаҷонаш, писарамон мустақил, – дар лабони Шоистахола табассуми малеҳ дурахшиду ҷониби фарзанд дида дӯхт. Дӯстонаш касони росткору дилёб, ҷавонмардони садоқатманд.

Таманнои ман: – Сафар бехатар бодо!

Шаш нафар гаштакчиён аз бандаргоҳи ҳавоии Тошканд рост ба сӯйи Аврупо бол кушоданд. Мурғи ҳавоӣ дар муддати кӯтоҳ мусофирони самарқандиро ба пойтахти Италия – шаҳри афсонавии Рим расонд. Дар халиҷи Неакол сайёҳонро киштии азиму зебое мисли мурғобии сафед, ки барои 6,5 ҳазор мусофир пешбинӣ шудааст, интизор буд. Табиати мӯътадил, иншооти қадима, мардуми меҳмоннавози кишвари дилфиреб диққати сайёҳонро ба худ кашид. Аммо ҳангоми сафар ба шаҳри Милан яке аз дӯстон Зафар ба сабаби обу ҳаво ё бӯйи гулҳои рангоранг ба аллергия печид. Ӯро зуд ба шифохонае бурданд, ки бемористони оилавӣ будааст. Баҳодуру Бобур, ки забони англисиро медонистанд, шикояти дӯсти хастаи худро тарҷума карданд. Шифокорон ба бемор ёрии таъҷилӣ расониданд, мулоқоти дилнишин бу вуқӯъ пайваст. Азамат ба фаъолияти онҳо мароқ зоҳир карда, доир ба тиббу табобат бисёр чизҳоро пурсид. Беморхонаи хусусӣ тақрибан 50 кат, шаш нафар духтур, 14 нафар ҳамшираи тиббӣ, дорушинос, ошпаз, фаррош ва ҳатто ду нафар посбон доштааст. Хонаҳои ташхис, рентген, ҷарроҳӣ бо асбобу ускунаҳои замонавӣ таъмин буда, амалиётҳо сабт мешаванд, табибон тавассути онҳо маслиҳату машварат мекарданд. Пардохти хизмат баланд, аммо арзанда аст. Чеҳраи кушод, суҳбати самимӣ, ғамхории духтуру хизматчиён самарқандиёнро ба ҳайрат гузошт.

Чун мизбонон фаҳмиданд, ки бемор ҳамдиёри табиби табибони дунё Ибни Синост, ҳаққи хизмат ҳам нагирифтанд.

– Аллома Ибни Сино холисона, барои савоб табобат карданро тавсия кардааст, – шӯхиомез гуфт мудири шифохона Жан-Жак Флобер. – Агар ба Самарқанд равем, барои мо ташкил кардани зиёрати маҷмӯи Регистон ва расадхонаи Мирзо Улғбек кифоя аст.

– Ин тавр бошад, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд Зафар, – тайёр кардани таоми машҳури мо – палави самарқандӣ аз ман.

Ана ин гапи дигар, – меҳмонону мизбонон самимона дасти якдигарро фишурданд.

Сипас сайёҳони самарқандӣ ғайр аз Рим, Сисилия, Турин ва дигар шаҳрҳои Италия ба Фаронса рафтанд, ки воқеан давлати ривоҷёфта ва ҷаннати рӯйи замин будааст. Киштӣ дар соҳили баҳри Миёназамин – шаҳри Нитса қарор гирифт. Азамат Фаронсаро аз рӯйи асарҳои Александр Дюма, Гюстав Флобер, Антуан Сент-Экзюперӣ, Оноре де Балзак, Жюл Верн, Анатол Франс ва дигарон мешинохт.

Аммо ростӣ, аз сад бор шунидан як маротиба дидан беҳтар будааст. Дар ин мамлакат токпарварӣ, сабзавоткорӣ, боғдорӣ, гулпарварӣ ривоҷ ёфта, маҳсулотро тавассути бандарҳои Марсел, Гавр, Руан ва ғайра ба кишварҳои хориҷӣ ирсол мекунанд.

Киштӣ дар ҳар як бандаргоҳ 5-6 соат таваққуф мекарду мусофирон шаҳру ноҳияҳои атрофро пойи пиёда тамошо мекарданд. Ҷӯраҳои самарқандӣ дар шаҳри Руан қариб 3-4 километр раҳ рафта, бо атроф шинос мешуданд, баногоҳ диданд, ки чархи нақлиёти сабукрави ду нафар фаронсавиён сӯрох шудаасту онҳо чӣ кор карданашонро намедонанд. Азамат зуд дар кори иваз кардани чарх кӯмак расонд. Мизбонони сипосгузор аз кӯмаки беғараз хурсанд шуда, меҳмононро то бандаргоҳ оварданд. Испания дар нимҷазираи Пиреней воқеъ буда, иқлимаш мӯътадил аст. Сайёҳон бештар ба тасвирҳои рӯисангии палеолитӣ, меъмории давраи истилои римиён таваҷҷӯҳ мекунанд. Баъди ба бандари Барселона лангар партофтани киштии мусофиркашон сайёҳон ба гурӯҳҳо тақсим шуда, тавассути автобусҳо, ё ки пиёда ба сайру гашт баромаданд. Самарқандиён тамошои шаҳрро автобуссавор афзал донистанд. Аммо боз як воқеаи аҷиб рух дод. Автобус ба бандаргоҳ расиду дар истгоҳи тарафи рост таваққуф кард. Сайёҳон гумон доштанд, ки нақлиёт баъди даврзании майдони бандаргоҳ дар тарафи рост низ истода мегузарад, вале ин тавр нашуд. Автобус якбора ба дигар самт ҳаракат кард. Меҳмонон ба ронанда бо имову ишора фаҳмониданд, ки онҳо бояд фароянд, аммо вай беларво бо ҳамон хатсайри худ мерафт. Автобус тақрибан 15-20 километр роҳро тай намуда, таваққуф кард, ки истгоҳи охирин будааст.

Бар «болои сӯхта намакоб» гуфтагӣ барин ронанда такягоҳи курсиро фаровардa ба рӯзномахонӣ пардохт. Самарқандиёни ҳайратзада ба соату чиптаи киштӣ ишорат карданд, лекин ронанда парво надошт. Меҳмонон маҷбур шуданд, ки таксӣ киро карда ба бандаргоҳ баргарданд. Беш аз 6,5 ҳазор сайёҳ интизори меҳмонони раҳгумзада буданд.

Баъди дар киштӣ ҷой гирифтан Зафар гуфт: ронандагони мо хеле меҳрубон будаанд, мусофир метавонад автобусро дар ҷойи дилхоҳ нигоҳ дорад.

## МЕРОСИ ПАДАР ХОҲӢ, ИЛМИ ПАДАР ОМӮЗ

Азамат ҳангоми таҳсил дар мактаби рақами 17-уми зодгоҳаш аллакай дар дорухона дастёри падар буд. Баъзан қиблагоҳаш Аслиддинамак то дастури (ресепт) духтурро, ки аксар бо ҳусни хати норавшану нофаҳмо навишта мешуд, доруи заруриро ёфта меомад ва болои пештахта мегузошт.

– О, ин писарча – балоча-ку!, – ситоиш карданд харидорон. – Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро, – мегуфт Аслиддинака хушҳолона. Хурсанд буд, ки вориси муносиб дорад. Воқеан, Азамат пас аз гирифтани номаи камол ният дошт, ки ба ягона донишкадаи дорушиносии Тошканд ҳуҷҷат супорад. Вале ҳамсабақи падари бузургвораш Баҳодурҷон Ҷумъабоев, ки аз шаҳри Чимкенти Қазоқистон ба меҳмонӣ омада буд, маслиҳат дод, ки дар ҷумҳурии онҳо барои қабули довталабони хориҷӣ имтиёзҳо бисёранд. Аҳли оила таклифи меҳмонро қабул карданд. Модараш–корманди собиқи рӯзномаи «Овози Самарқанд» Шоиста Аббосова гуфт:

*То ҷавонию тандурустӣ ҳаст,*
*Ояд асбоби ҳар мурод ба даст.*

– Ман ҳам панҷ сол дар Тошканд таҳсил гирифтагӣ, – фикри ҳамсарашро қувват дод Аслиддинамак.

– Ҷиян дар паноҳи ман мешавад, – таъкид кард Баҳодурҷон Ҷумъабоев. – Сониян, Чимкент дар шафати Тошканд. Рӯзи шанбе омада, душанбе баргаштан мумкин.

Ҳозирон суолмез сӯйи довталаб нигаристанд. Азамат якбора ҷавоб надода аз меҳмон пурсид, ки оё мумкин аст як-ду нафар ҳамсинфашро низ ҳамроҳ гирад.

– Албатта, мумкин, – ҷавоб дод ӯ. – Қазоқистон кишвари бепоён, тамоми хатмкунандагони Самарқанд раванд ҳам, имконияти таҳсил ҳаст.

Чанд рӯзи бедорхобӣ барои тайёрӣ ба имтиҳонҳо фоида доду ӯ номи донишҷӯйи факултаи дорушиносии Донишкадаи тиббиёти Алмаатоэро гирифт.

Шаҳри Алмаато дар нишебии шимоли қаторкӯҳҳои Алатов, дар баландии 650-900 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, аз он дарёча убур мекунад ва ҳаворо мӯътадил нигоҳ медорад. Азамат аз кӯчаҳои росту зебо, ки дар онҳо дарахтони сояафкани санавбар, арча, чинор, сада қад афрохта буданд, бо фароғат роҳ рафта, ба иншоотҳои хушсохту замонавӣ бо ҳавас менигарист.

(Давомаш дар саҳ.4).

# ТӮШАИ РОҲ

Ҷевони китобҳоямро зуд-зуд аз назар мегузаронам. Баъзан мебинам китобҳои дӯстдоштаам, ки дарёфт кардани онҳо амри муҳол аст, нестанд. Гоҳе хурсанд мешавам, ки дӯстон, наздикон ва шиносони меҳмониомада китобдӯст будаанду китобҳои маро бурдаанд...

Мана, ҳоло китоби "Фолклори водии Қаротегин"-ро варақ мезанам, ки тартибдиҳандаи он шоираи дӯстдоштаи мо Гулрухсор Сафиева мебошад. Ин маҷмӯа намунаҳои хубу дилчаспи рубоӣ, суруд, байт, чистон, сурудҳои маросимӣ, ҳаҷвӣ, зарбулмасалу мақол, фолклори бачагон, ривоят ва афсонаҳои халқиро дар бар гирифта, аз меҳнати зиёду муҳаббати самимии ҷамъоварандаву тартибдиҳанда шаҳодат медиҳад.

Асарҳои дар он гирдомада ҷиҳатҳои гуногуни зиндагии душвори халқи моро дар гузашта акс мекунанд. Дар онҳо нозуктарин лаҳзаҳои ҳаёти мардум, савдоиёни ишқ, ғарибон, кулфатзадагон ва орзумандони ҳаёти озоду осуда, ҷаҳонбинӣ ва ҳаётдӯстии халқ ва таҷрибаи рӯзгор инъикос ёфтааст. Қисми асосии маҷмӯаро рубоиёт ташкил додааст. Гулрухсор нишон додааст, ки рубоиҳо ба чӣ сабаб ба дилҳо роҳ меёбанд, фикру диққати мардумро ба худ мекашанд, шунавандаро мутаассир карда, ба ҳаяҷон меоваранд.

Гулрухсор менависад: "Аз рӯзе, ки ин дафтар чун тӯшаи роҳ бо ман аст, оламу одамон, ҳастӣ ва рӯзгор хеле тағйир ёфтаанд, аммо дарду шодии зиндагӣ ҳамчунонанд, ки буданд. Сад сол пеш ҳам аз шунидани байти ҳузновар чашмҳо пуроб мешуданд, имрӯз ҳам ҳамчунон аст. Дили сангину беҳис бояд дошт, ки аз шунидани ин фоҷиаи инсонӣ дил наларзаду чашм пуроб нашавад:

*Тарки сараме мисоли чӯби тар сӯхт,*
*Нисфи ҷигарам барои як модар сӯхт.*
*Оҳи дилама дар қади об сар додам,*
*Сангои қади ҷӯйбор сар то сар сӯхт!*

Ин рубоӣ ба ман ҳар бор ҳар хел таъсир мекунад. Ҳар гоҳе онро шунавам, аз алами гӯянда тамоми узвҳоям ба дард омада, аз оҳи дили гӯянда оташ гирифтани "сангои қади ҷӯйбор"-ро бо чашмони худ мебинам".

Халқи тоҷик табиатан шоир аст. Зиндагӣ ва рӯзгордории он барои худсозӣ ва эҷодкорӣ шароит муҳайё мекунад. Шоҳномахонӣ, гӯрӯғлигӯӣ, ҳофизхонӣ миёни мардуми мо қариб як хел аст, сарвари ҳамаи базмҳо ва ҳатто мотамҳо рубоиву дубайтиҳо мебошанд.

Ҷавондухтар аз зани дигар гирифтани дилдодааш озурда шуда, чунин мегӯяд:

*Боло меравӣ, иллоҳ ба боло нарасӣ,*
*Ту зан мегирӣ, иллоҳ ба савдо нарасӣ.*
*Шодӣ мекунӣ, шодита ғам гардона,*
*Рӯймолаки тӯята кафан гардона.*

***

*Дар гӯшаи бом будам, ҷангам кардӣ,*
*Навдаҳаки тут будам, бандам кардӣ.*
*Навдаҳаки тут будам ҳамам ғура,*
*Эй бачаи бевафо, фандам кардӣ.*

Ин рубоиҳо алами дили занонро ифода мекунад. Маҳз зан, зани фирефтаву дардманд ва ноумед бо чунин алам сухан мегӯяд. Дарвоқеъ, қисми бештари рубоиву байтҳоро занону духтарон сароидаанд. Ин сабабҳои гуногун дорад. Занон дар гузашта аз тамоми ҳуқуқ маҳрум, побанди чор девори хона буда, табиист, ки дарди дили худро бо шеъру суруд дармон мекарданд.

Шоира менависад: "Дубайтӣ гуфтан хоси мардуми кӯҳистони тоҷик набудааст. Дар давоми ин солҳо чанд дубайтие, ки ба даст овардем, ё дубайтиҳои маъмулро ба ёд меоранд ё дар дигар маҳалҳо ҳам маълуманд. Занону духтарон, гӯяндагони асосии рубоиҳои дарднок, бештар бо умеду орзуи зиндагӣ такя карда, аз ноумедӣ мегурезанд. Барои бахти худ мубориза мебаранд. Аз ҷумла:

*Ту бачаву ман духтар ишқ овардем,*
*Сесад гули сурха аз Димишқ овардем.*
*Ман дастаи гул шаваму ту дастаи хас,*
*Ман сӯзаму ту сӯзӣ, надонад ҳеч кас.*

***

*Боло меравӣ, ҷӯра, ки ёдат мекунам,*
*Ҳар ҷое равӣ, ҷӯра, суроғат мекунам.*
*Ҳар ҷое равӣ, кӯтоҳ шавад роҳаки ту,*
*Сарма бибуранд ҷудо намешам аз ту."*

Образи модар, модари аскарону мардикорон, модари фарзандони дурафтодаву ҷавонмарг, модари ҳасратолуд дар рубоиҳо ниҳоят барҷастаанд:

*Ин моҳа бубин дар осмон як саду бист,*
*Мо азми сафар кардем, модар бигирист.*
*Эй модари ҷон, маънии гиряи ту чист?*
*Мардум сари сол рафтан, мо рӯзаки бист.*

***

*Ин оваки Ҳакимӣ рӯяш пулай,*
*Очам мега, ки роҳаки бачам дурай.*
*Роҳаш дурай, ба кори худ машғулай,*
*Дӯстои ширин, зиндаҷудоӣ зӯрай.*

Рубоии халқиро на як тану ду тан, балки садҳо одамон ҳамроҳ дар тӯли асрҳо мувофиқи дарду шодӣ ва бурду бохтҳои худ эҷод мекунанд.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА.**

# ХАБАРИ МУХТАСАР

## дар бораи ҷамъомади умумии ҳабдаҳуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар давраи ҳисоботӣ даромади Буҷаи давлатӣ ба 74,9 триллион сӯм расид. Хароҷоти умумӣ 79,3 триллион сӯмро ташкил дод, аз он хароҷот барои соҳаи иҷтимоӣ 40,4 триллион сӯмро ташкил намуд, ки нисбати то ҳамин давраи соли гузашта 16,6 фоиз бештар мебошад.

Дар асоси қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 2 апрели соли 2021 «Дар бораи чораҳои иловагӣ бинобар татбиқ кардани барномаҳои «Деҳаи обод» ва «Маҳаллаи обод» нишондиҳандаҳо бинобар сохтмон, таъмир ва ободонӣ дар арзиши умумии 20,8 триллион сӯм дар 7794 деҳа ва маҳаллаҳои тамоми ноҳияҳо ва шаҳрҳо тасдиқ гардиданд.

То ҳолати 30 июни соли 2021-ум 209,2 ҳазор ҷойҳои нави корӣ фароҳам омаданд, ба 78,5 ҳазор шаҳрванд касбҳо омӯзонида, ба беш аз 24 ҳазор шаҳрванд субсидияҳо ҷудо карда шуданд.

Ба мақсади таъмин намудани шуғли ҷавонон ва ба роҳ мондани истироҳати пурмазмуни онҳо дар тамоми секторҳо ва маҳаллаҳои Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо нақшаҳои махсус тасдиқ карда шуданд ва зиёда аз 425662 писарону духтарон бо кор таъмин гардиданд.

Бинобар 7 банди Барнома, қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки дар нимсолаи аввали соли 2021-ум бояд татбиқ мегардид, қабул карда нашудааст. Дар натиҷа вазифаҳои муҳими зерини Барнома дар муҳлати худ иҷро нагардиданд. Дар байни онҳо ҷорӣ кардани низоми рағбатноксозии шаҳрвандоне, ки ба хориҷа дар доираи ба роҳ мондани муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд ва имтиҳоноти ихтисосиро бинобар забони хориҷӣ ва касбҳо бомуваффақият супурдаанд, кӯмакрасонӣ бобати маълумот гирифтан, соҳиби ихтисоси муайян шудани наврасони то 18-сола, ки ба эътибори махсус эҳтиёҷ доранд, ҷорӣ кардани тартиботи пешниҳоди вомии таълимӣ ба оилаҳои дорои 2 ва бештар фарзанд, ки дар муассисаҳои таълими олӣ дар пояи қарордодӣ таълим мегиранд, ҳастанд.

Сенаторон ҳамчунин зарурияти ба роҳ мондани мониторинги доимиро барои пешниҳоди хидматҳо ба муҳоҷирони меҳнатии Ӯзбекистон дар кишварҳои хориҷӣ, ҳифзи самарабахши ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, аз ҷумла, ҳаёт, саломатӣ, шароити меҳнатии онҳо ва пардохти саривақтии музди корашон, ки дар қарордод муқаррар шудааст, таъкид карданд.

Бинобар масъалаи мазкур қарори дахлдори Сенати Олий Маҷлис қабул шуд.

Сипас ахбори вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи вазъи пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва профилактикаи он шунида шуд.

Тавре ки қайд шуд, дар тӯли шаш моҳи соли 2021-ум аз ҷониби Вазорати корҳои дохилӣ якҷо бо дигар вазорату идораҳои масъул, созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ ва идораҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ як қатор чораҳои самарабахш бобати пешгирии ҷиноятқорӣ, таъмин сохтани ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон татбиқ гардиданд.

Аз ҷумла, дар 6 моҳи соли 2021-ум 95,3 фоизи ҷиноятҳо аз миқдори умумии онҳо кушода шуданд, 1833 шахси дар ҷустуҷӯ дастгир гардид, 216 нафар шахсе, ки гумшуда эътироф шуда буданд, дарёфт карда шуданд. Бо ташаббуси кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар давраи мазкур 15434 ҷиноят ошкор гардид.

Бояд қайд кард, ки миқдори ҷиноятҳое, ки бо ташаббуси ходимони корҳои дохилӣ ошкор шуданд, нисбати то ҳамин давраи соли гузашта 71,4 фоиз беҳтар шуд.

Вале санҷишҳои баргузоршуда норасоиҳои корҳои оид ба пешгирии ҷиноятҳо ва пешгирии ибтидоии ҷиноятҳо, мавҷудияти камбудиҳои муайян дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, ҳаллу фасли мушкилоти мавҷуда ва имкониятҳои куллан истифоданашудаҳо собит сохтанд.

Аз ҷумла, дар 6 моҳи соли 2021 миқдори умумии ҷиноятҳое, ки дар ҷумҳурӣ содир гардиданд, 45630 ададро ташкил дод, ки ба ҳар 100 ҳазор нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна 132 ҷиноятро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда нисбати соли гузашта 111,9 фоиз афзудааст.

Ҷиноятҳое содир шудаанд, ки пешгирӣ карданашон имконпазир буд: қотилии 217 нафар, ҷароҳати баданим 4137 нафар, 135 ғоратгарӣ, 1100 авбошӣ, 7618 дуздӣ, 9439 ҳаннотӣ аз ин ҷумлаанд.

Ғайр аз ин аз ҷониби тақрибан 6 ҳазор бекорон, бахусус дар вилоятҳои Андиҷон, Тошканд, Фарғона ва дар шаҳри Тошканд ҷиноят содир карда шудаанд. Ин шаҳодати кори ғайрисамарабахш дар маҳалҳо бобати бо шуғл таъмин кардани аҳолӣ мебошад.

Ҷиноятҳои бахусус вазнин содир мегарданд, зеро масъалаи сари вақт ҳаллу фасл кардани зиддияту носозии оилаҳо то ҳол аз эътибори фаъолони маҳаллаҳо ва ҷомеаи васеъ берун мемонанд.

Аз ҷумла, аз 77 ҷиноятe, ки тӯли 6 моҳи соли 2021-ум дар доираи муносибатҳои оилавӣ содир гардидаанд, бо қотилӣ, 798 ҷиноят ба ҷароҳати баданӣ алоқамананд.

Ғайр аз ин кор бобати пешгирии ҳодисаҳои роҳу нақлиёт дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба тарзи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Дар кишвари мо бинобар тартиби тайёр кардани ронандагон ва аз ҷониби онҳо супурдани имтиҳонҳо мушкилот вуҷуд доранд.

Инчунин ногузир аст, ки қоидаи ҳаракати роҳро дар таҳрири нав, ки онро қарори Девони Вазирон аз 24 декабри соли 2015 №370 тасдиқ намудааст, такмил бояд дод. Баъзе моддаҳои қоидаи мазкур иваз карда шуданд, ки бинобар он истинод ба фаслҳои марбут тамоман ба моддаҳои дигар дахл доранд.

Бинобар ин, ки дар роҳҳои автомобилгард назорати таъсирбахши таъмини бехатарии мусофирон ба таври куллӣ ва самаранок муқаррар нагаштааст, дар шаш моҳи соли 2021 дар ҷумҳурӣ ба таври умумӣ қариб 3,5 миллион ҳолати вайрон намудани ҳаракати роҳ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2020 40,8 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамкории ходимони хидмати роҳу патрул бо иштирокдорони ҳаракати роҳ низ ба таври бояду шояд нест. Дараҷаи дониш ва маданияти ҳуқуқии ходимони алоҳида ба талаби имрӯз ҷавобгӯ нест. Дар натиҷа рӯз то рӯз миқдори норизоии ҷиддии шаҳрвандон зиёд мегардад.

Дар ҷамъомад сенаторон инчунин ба масъалаҳои ташаккули муносибати номуросокорона нисбати ҷиноятқорӣ байни аҳолӣ, огоҳии ҷиноёт, таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва озодӣ ва инчунин манфиатҳои қонунии шаҳрвандон эътибор нигаронданд.

Аз рӯи масъалаи мазкур қарори дахлдори Сенати Олий Маҷлис қабул гардид.

Пас аз ин масъалаи иҷрои чорабиниҳое, ки дар доираи барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияҳои Боёвут, Қаршӣ, Бӯстон, Тӯрақӯрғон, Олот ва шаҳраки Каттақӯрғон мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Таъкид шуд, ки дар ин минтақаҳо корҳои муайян анҷом дода шуда, 303 лоиҳаи сармоягузории инкишофи саноатӣ, соҳаи хидматрасонӣ ва хоҷагии қишлоқ ба арзиши қариб 912,1 миллиард сӯм ба кор даровардa шуда, беш аз 3800 ҷойи нави кор ба вуҷуд оварда шудааст.

Дар доираи чорабиниҳои муқарраргардида доир ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ кор дар бобати сохтмон, таъмир ва таҷдиди 6 ташкилоти таълимии томактабӣ, 7 мактаби таълимоти ҳамагонӣ ва 3 муассисаи тандурустӣ ва инчунин 3 объекти маданӣ анҷом дода шудааст. Ба ин мақсадҳо маблағ аз буҷет дар ҳаҷми беш аз 47,0 миллиард сӯм харҷ гаштааст.

Иҷрои беш аз 50 чорабинӣ дар заминаи бартарафсозии мушкилот дар соҳаи коммуналӣ, таъмини аҳолӣ бо электроэнергияи сифатнок ва бетанаффус, гази табиӣ ва оби ошомиданӣ пурра таъмин гаштааст.

Дар квартираҳои аҳолӣ қариб 1700 ҳисобкунакҳои автоматии газ насб гаштааст. Бо мақсади таъмин намудан бо оби тозаи ошомиданӣ 9 иншооти нақли об бунёд гардида, ба баҳрабардорӣ супурда шудааст.

Ҳамзамон таҳлил нишон медиҳад, ки то 1 июли соли ҷорӣ 79 чорабинӣ дар вақташ баргузор нагардида, ҳолатҳои мураккаб дар татбиқи 106 чорабинӣ ба вуҷуд омадааст.

Сарфи назар аз он ки Барномаи сармоягузории маблағ ва буҷети ҷумҳурӣ чун манбаи таъмини молиявии чорабиниҳо оид ба сохтмон, таъмиру таҷдид ва муҷаҳҳазсозии объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ пешбинӣ гаштааст, 24-тои онҳо (9-тоаш соли 2020 ва 15-тоаш соли 2021) ба Барномаи сармоягузории соли ҷорӣ дохил нагаштааст, то ҳанӯз маблағи дахлдор ҷудо карда нашудааст.

Аз он ҷумла дар соҳаи таълими томактабӣ чорабиниҳо доир ба таъмир ва таҷдиди 3 ташкилоти томактабии таълимӣ барои 150 ҷой дар ноҳияи Боёвут ва барои 50 ҷой дар ноҳияи Қаршӣ аз ҷиҳати молиявӣ таъмин нагаштаанд. Кор дар бобати таъмири ташкилоти таълимии томактабии 47 ноҳияи Тӯрақӯрғон аз ҳисоби фонди махсуси Вазорати таълими томактабӣ шурӯъ нагаштааст.

Дар соҳаи маорифи халқ аз буҷети ҷумҳурӣ чорабиниҳо доир ба сохтмони мактаб барои 330 ҷой дар ноҳияи Тӯрақӯрғон, таъмири бинои шуъбаи маорифи халқи ноҳияи Бӯстон таъминоти молиявӣ нагаштааст.

Сарфи назар аз он ки дар объектҳои тандурустии ноҳияи Олот аз ҳисоби маблағи буҷети ҷумҳурӣ анҷом додани корҳои сохтмон ва таъмир ва инчунин ба миқдори 3,7 миллиард сӯм муҷаҳҳазсозӣ, имрӯз ин чорабиниҳо аз ҷиҳати молиявӣ таъмин нагаштаанд.

Аз ҳисоби маблағи Фонди инкишофи маданият ва санъат дар назди Вазорати маданият чорабиниҳо дар бобати таъмири асосии собиқ Қасри маданияти «Ҳарбийлар» дар горнизони ҳарбии Каттақӯрғон, ки дар ихтиёри Вазорати маданият қарор дорад ва сохтмони мактаби нави бачагонаи мусиқа ва санъат дар шаҳраки Ингичка кор шурӯъ нагаштааст.

Дар ҷамъомади умумӣ маълумоти роҳбарони ҳокимиятҳо, вазорат ва идораҳои масъул бинобар хато ва камбудиҳои роҳдодашуда шунида шуд.

Аз рӯи масъалаи мазкур қарори дахлдори Сенати Олий Маҷлис қабул гардид.

Пас аз он натиҷаи омӯзиши ҳолати иҷрои қонунҳо, корбурди қонунии амалӣ ва мониторинги ҳуҷҷатҳои зерқонуни қабулгардида муҳокима гардиданд.

Таъкид гардид, ки бо мақсади куллан баланд бардоштани сифати фаъолияти қонунгузорӣ, такомули таъмини ҳуқуқии ислоҳоти ҷорӣ таҷрибаи омӯзиши ҳолати иҷрои қонунҳо, корбурди ҳуқуқии амалӣ ва мониторинги қабули ҳуҷҷатҳои зерқонун таъкид гардид. Аз ҷониби кумитаҳои Сенат якҷоя бо Институти мушкилоти қонунгузорӣ ва тадқиқотҳои парлумонӣ ва инчунин дигар ташкилотҳои манфиатдор 20 қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон омӯхта шуд.

Таҳлил нишон дод, ки ба сабаби вуҷуд надоштани механизмҳои дақиқ дар баъзе қонунҳо, вуҷуд доштани меъёрҳои истинодоваранда соҳа асосан бо ҳуҷҷатҳои зерқонун танзим гардида, меъёри баъзе қонунҳо дар амал татбиқ намегарданд, ки бинобар он қонунҳоро таҷдиди назар намудан ва такомул додан зарур мебошад.

Аз рӯи масъалаи мазкур қарори дахлдори Сенати Олий Маҷлис қабул гардид.

Бо ҳамин рӯзи якуми кори ҷамъомади умумии ҳабдаҳуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба поён расид.

**Хидмати матбуоти Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

# ХОТИР ХОҲӢ, ДИЛЕРО ДАРЁБ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Чанд рӯзи бедорхобӣ барои тайёрӣ ба имтиҳонҳо фоида доду ӯ номи донишҷӯйи факултаи дорушиносии Донишкадаи тиббиёти Алмааторо гирифт.

Шаҳри Алмаато дар нишебии шимоли қаторкӯҳҳои Алатов, дар баландии 650-900 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, аз он дарёча убур мекунад ва ҳаворо муътадил нигоҳ медорад. Азамат аз кӯчаҳои росту зебо, ки дар онҳо дарахтони сояафкани санавбар, арча, чинор, сада қад афрохта буданд, бо фароғат роҳ рафта, ба иншоотҳои хушсохту замонавӣ бо ҳавас менигарист.

Меҳмонхонаи осмонбӯси "Қазоқистон", бинои Театри опера ва балети ба номи Абай, қасри ҳукумат зебо буданд, алалхусус маҷмӯи варзишии "Медео", ки дар он мусобиқаҳои байналхалқӣ барпо мегардиданд, ба ҷойи дӯстдоштаи донишҷӯйи самарқандӣ табдил ёфт. Соҳилҳои дарёи Илӣ, ки обашро ба баҳри Балхаш мерезад, барои сайру гашт, оббозӣ ва моҳидорӣ айни муддао буданд.

### БИОМӮЗ ҲАРЧАНД ДУШВОР АСТ

Азамат баъди номи донишҷӯиро гирифтан ба Самарқанд омад. Хурсандии волидайн, хешу пайвандон интиҳо надошт.

Баъди фосилае фурсати сафар расид.

– Ҷони оча, ту бояд ҳамеша дар ёд дорӣ, ки зиндагӣ саросар омӯзиш аст, – ба ҷомадон сару либосҳои тару тозаи писарро гузошта насиҳат мекард Шоистахола. – Дар ёд дор: "Бо ҳавои дил макун зинҳор кор, то наёрад пас пушаймонӣ ба бор". Камоли одамӣ дар илм аст, пайваста хону дониш гир.

– Албатта, ба маслиҳатҳои шумо амал мекунам, – қатъӣ ваъда дод писар, – муаммо шавад, занг мезанам.

– Мо дуогӯи туем, – фарзандро самимона ба оғӯш кашид модар, – сиҳҳат рафта, саломат биё!

Падар ӯро бо сабукрав ба тайёрагоҳи Тошканд оварда, таъкид кард, ки ба маслиҳатҳои дӯсташ Баҳодурҷон Ҷумъабоев гӯш диҳад.

Хушбахтона, дар Алмаато чанд нафар донишҷӯён аз Самарқанду Тошканд буданд, ки ба якдигар такягоҳ шуданд. Азамат донишҷӯйи соли дуюм буд, дар шаҳри Чимкент Академияи тиббии Қазоқистон ташкил ёфт. Вакилони ӯзбекистонӣ ба донишкадаи нав гузаштанд, зеро омаду рафт ба зодгоҳ қулай ва осон буд.

Азамат саргарми таҳсил нафаҳмид, ки чи хел вақт бо шиддат гузашт ва лаҳзаҳои фараҳбахши дипломгирӣ фаро расид.

Вай сарбаландона ба Ватан баргашт ва дар дорухонаи хусусии қиблагоҳ ба кор шурӯъ кард.

### ЗАН – ОБОДИИ ХОНА

Аҳли оила барои таҷлили зодрӯзи Азамат ҷамъ омаданд. Модараш Шоиста Аббосова ош пухт. Мавҷи табрикҳо авҷ гирифт. Кадоме аз ҳозирон ба соҳибҷашн бахту саодат, яъне арӯси нозанин хост. Хоҳари калонӣ – Дилрабо шафшаф нагуфта, якбора шафтолуи гапро гуфт:

– Укаҷон, дугонаам Ҳилола як хоҳари зебо дорад. Исмаш ба ҷисмаш монанд – Нурҷаҳон!

Ва номаълумакак сӯйи модар чашмак зад.

– Шумо дегу табақро ба келин месупоред.

– Модарат ҳатто писарашро ҳам ба ӯ мебахшад, – завқ карда хандид сарвари оила, – фақат аз ҷоюнони мо бохабар шавад, дуо гирад. Сонӣ Худо набераҳо диҳад, мо пиру кампир барои номҷӯӣ китобҳоро варақ занем...

Ҳазлу шӯхӣ ба муҳокимаи масъалаи ҷиддии оилавӣ табдил ёфт. Бо талабу дархости хоҳарон қарор шуд, ки зуд ҳайати хостгорон тартиб дода ва муҳими хайр пеш гирифта шавад.

Ҳамин тариқ аз байн фурсате нагузашта, ақди никоҳи Азамату Нурҷаҳон ба вуқӯъ пайваст. Ва Парвардигори меҳрубон паси ҳам ба бобоҷону бибиҷон чор набераи яке аз дигаре ширинро дод. Рост гуфтаанд, ки: зани хубу фармонбару порсо, кунад марди дарвешро подшо. Бо гузашти айём Азамат "подшоҳ"-и қасри табобат гардид.

### ДАРМОНГОҲИ ҲАМА ДАРДХОСТ

Ҳоло асосгузори клиника Аслиддин Васлиддинов ба ворисi мунсиби худ Азаматҷон маслиҳатгару мушовир аст. Писар бошад, ба панди пири доно амал мекунад. Баъзан Азамат ба давлатҳои пешқадам чун Русия, Туркия, Хитой, Олмон, Куриё, Англия, Фаронса ва ғайра сафар карда, аз комёбиҳои соҳибкорон баҳраманд мегардад.

– Дар замони мо ҳамаи пешаҳо хубанд ва ба манфиати инсонанд, – мегӯяд Азамат Аслиддинович, – аммо фикр мекунам, натиҷаи меҳнати ягон касб чун фаъолияти табиб назаррас нест. Дар куҷое хонда будам, донишманде навиштааст: "Ҳеҷ чиз ин қадар боиси хушҳолию қаноатмандӣ нест чун барқарор кардани саломатии инсон ва ба ӯ умри дубора бахшидан. Зеро беҳтарин неъмати рӯйи замин саломатии инсон аст. Пешаи табобат бошад, одоби муоширát, самимият, мурувват, накӯкорӣ, фидокорӣ кардан ва ҳамеша масъулиятшинос буданро тақозо мекунад".

Дар айни суҳбати мо нобаҳангом ҳамшираи шафқат узрхоҳона ворид шуду гуфт, ки аз ноҳияи дурдаст ҷавонзани ҳомиларо овардаанд.

– Хотир хоҳӣ, дилеро дарёб, гуфтаанд, – завқ кард Азамат, – зуд кӯмак расонед, сонӣ, масъалаи талабаи коллеҷ чӣ шуд?

– Ба вай ҳам ройгон ёрии аввалин расонидем, – хабар дод ҳамшира. – Ҳам худаш ва ҳам муаллимаш ба шумо миннатдорӣ изҳор карданд.

"Писари додош-дия" – аз дил гузаронидам ман. Боре бегоҳӣ аз дорухонаи Аслиддинамак савдо мекардам, ки шахсе саросема омаду шиносномаашро рӯйи пештахта гузошта илтимос кард, ки ҳозир ҳамсарашро ҷарроҳӣ мекунанду чанд хел дору зарур аст, вале айни ҳол барои харидан маблағ надорад. Аслиддинамак шиносномаро нагирифта, баъди шифо ёфтани ҳамсаратон маблағро медиҳед гуфт. Хурсандии мардак интиҳо надошт...

– Фарзандон чӣ кораанд, – пурсидам ҷараёни суҳбатро тағйир дода.

– Писари калонӣ – Шоҳҷаҳон ҳуқуқшинос, Афзалшоҳ дар Донишкадаи байналхалқии Бритиш менеҷменти Тошканд таҳсил мегирад. Абдувоҳид хонандаи мактаб, Гулҷаҳон ба боғчаи кӯдакон меравад. Набераҳо ҳам ба воя мерасанд.

– Хеле нағз, чӣ нақшаҳо доред?

– Дар Тошканд низ клиника мекушоем ва дар Самарқанд ният дорем таваллудхона созем.

– Маблағ аз куҷо?

– Сипосгузорам аз сарвари давлатамон, ки ба тадбиркорон ғамхору меҳрубонанд, – иброз дошт Азамат Аслиддинович, – масалан барои сохтмони табобатгоҳ 700 ҳазор доллар кредитро аз "Асакабанк" гирифта будем ва ҳоло қарзро қариб пардохтем. Мақсади мо сиҳҳатгоҳ сохтану ба халқ хизмат кардан аст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
**Вилояти САМАРҚАНД.**

**Нишасти матбуотӣ**

# ИНТИҲОИ ИСЛОҲОТИ ИДОРАҲОИ НОТАРИАЛӢ

**Дар асоси фармони Президент "Дар бораи чорабиниҳо доир ба ислоҳоти соҳаи нотариалӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон" аз 9 октябри соли 2019, институти нотариалии хусусӣ ҷорӣ карда шуд.**

Дар асоси фармони мазкур аз 1 январи соли 2020 дар ин соҳа дигаргуниҳои зиёд ба амал омад. Дар нишасти матбуотие, ки бо иштироки роҳбарияти Вазорати адлия баргузор шуд, аз ҳамин хусус сухан рафт.

Назар ба гуфтаи мутахассис, шумораи нотариусҳо 6,5 фоиз зиёд шуд, дар натиҷа наздики 3 ҳазор шаҳрванд бо кор таъмин гардид; дар тӯли шаш моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби нотариусҳои хусусӣ 537 млрд. сӯм боҷи давлат пардохта шуд; дар идораҳои нотариалӣ муаммои навбат бартараф карда шуд; шумораи мурoҷиати шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба идораҳои нотариалӣ 40 фоиз кам гардид. Инчунин, дар соҳа самти электронии нотариалӣ, ба роҳ мондани фаъолияти нотариалҳои хусусӣ ва кор бо кадрҳои ҷавон ба роҳ монда шуд. Дар самти электронӣ саҳифаи "Нотариус" ва "модели фаъол" ба кор оғоз намуд, барои тасдиқ намудани ҳуҷҷатҳои расмӣ бо роҳи сканер гирифтани изи ангуштон ҷорӣ гардид, баъд аз тасдиқ намудани шартномаи ба номи шахси дигар сабт намудани мулки ғайриманқул, дар асоси тамоили "ягона дарича" аз рӯйхати кадастр гузаронидан ба роҳ монда шуд.

Боз мутахассис таъкид намуд, ки доир ба тайёр намудани кадрҳои ҷавон ва онҳоро ба самтҳои гуногун роҳӣ намудан низ як қатор дигаргуниҳо ба амал омаданд.

Албатта, чунин дигаргунӣ ва навгониҳо баҳри осон гардондани мушкилии шаҳрвандоне, ки ба идораҳои нотариалӣ мурoҷиат мекунанд ва ба вуҷуд овардани қулайиҳо ба онҳо мебошад.

Дар поёни чорабинӣ раиси Идораи нотариалии давлатӣ Дилшод Ашуров ба саволҳои ходимони ВАО ҷавобҳои қаноатбахш дод.

# ГУВОҲНОМАҲОИ УЗВИЯТ СУПУРДА ШУД

**Дар Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон ба чанд нафар аъзои тозаинтихобшуда гувоҳномаи узвият ба Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон тақдим гардид. Муовини аввали раиси иттиҳоди нависандагон Нодир Ҷонузоқ гувоҳномаҳоро ба соҳибонаш супурд.**

Хурсандибахш аст, ки дар ин гирдиҳамойии адабӣ ба шаш нафар эҷодкори тоҷик, ки қаблан ба узвияти Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон пазируфта шуда буданд – Юнуси Имомназар (Тошканд), шоир Расулбеки Аҳмадзод (аз ноҳияи Сӯхи Фарғона), шоир ва рӯзноманигор Пайғом (Тӯхтамиш Боқиев аз вилояти Сирдарё), Хусрави Саъдулло (Тошканд), Зоҳир Ҳасанзода ва адибаи ҷавон Маликаи Бахтиёр (ҳарду аз Самарқанд) низ дар фазои ботантана санади узвият супурда шуд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**

# САБАБ ВА ОҚИБАТҲОИ ҲОЛОТИ КОРРУПСИОНӢ

**Ҳанӯз 3 январи соли 2017 Президент Шавкат Мирзиёев ба қонун «Дар бораи мубориза алайҳи коррупсия» имзо гузошта буд. Мақсад аз қабул гаштани ҳуҷҷати муҳими давлатӣ дар бораи коррупсия, ки онро «заҳрпечаки ҷамъият» низ номанд, рӯз барин равшан: ба тартиб андохтани муносибатҳо дар соҳаи оштинопазирӣ ва мубориза алайҳи коррупсия.**

Дар ҳуҷҷати мазкур ба «коррупсия», «қонуншиканиҳо оиди коррупсия», «бархӯрди манфиатҳо» барин мафҳумҳои асосӣ шарҳу эзоҳ дода шудааст. Айни замон принсипҳои асосии мубориза алайҳи коррупсия қайд ёфта, решаҳои иҷтимоии ин иллат баён гардидааст.

Ба таври оддӣ ифода намоем, аз мансаб ё худ мавқеи хидматӣ баҳри манфиати шахсӣ ё манфиати шахсони дигар сӯиистифода кардан – коррупсия мебошад. Он иқдомест бар хилофи қонун бо мақсади ба даст овардани нафъи моддӣ ё ғайримоддӣ. Вақти манфиатнокии шахсӣ ва давлатӣ, манфиатнокии шаҳрвандон ва ташкилотҳо, айни замон манфиатҳои қонунии ҷамъият ва давлат бархӯрд мекунанд, яъне байни онҳо зиддият ба вуҷуд меояд, ин дар ҳуҷҷатҳои қонунии марбут ба соҳа «бархӯрди манфиатҳо» номида мешавад.

Барои мо, шаҳрвандон, хусусан донистани принсипҳои асосии мубориза алайҳи коррупсия хеле аҳамиятнок аст, ки ин дар моддаи 4-уми қонун «Дар бораи мубориза алайҳи коррупсия» қайд гардидааст. Қонуният, устувории қонунҳо, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, кушодӣ ва шаффофӣ, муттасилӣ, ҳамкорӣ байни давлат ва ҷамъияти шаҳрвандӣ, устувории чорабиниҳо доир ба пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ҳамин принсипҳои асосӣ мебошанд. Боз як принсипи асосӣ мавҷуд – муқаррарии ҷавобгарӣ.

Баланд бардоштани тафаккури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии аҳолӣ, ташаккул додани муносибати оштинопазирӣ нисбати коррупсия дар ҷамъият, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ ба амал баровардани чораҳо оиди пешгирии коррупсия, дар вақташ аниқ кардани ҳуқуқшиканиҳо оиди соҳа, нуқта гузоштан ба ин гуна амалҳои номатлуб, омӯхтани оқибат ва бартарафсозии шарт ва шароитҳое, ки ба манфиатхоҳон имконият фароҳам меоваранд, аз ҳама асосиаш, таъмини принсипи муқаррарии ҷавобгарӣ – самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар моддаи 5-уми ҳуҷҷати зикршуда баён ёфтаанд.

Аз байн наздик чаҳоруним сол сипарӣ гашт. Дар ин байн ҳуҷҷатҳои қонунӣ такмил ёфтанд. Агентии мубориза алайҳи коррупсия ташкил ёфт ва ҳоказо. Саъйҳо самара бахшида ва заҳрпечаки ҷамъиятӣ решакан мегардад. Вале ришват, тамаъгарӣ, фасодкорӣ барин иллатҳо ҳанӯз ба назар бархӯрда ва дар ин бобат қариб ҳар рӯз хабарҳо ба гӯш мерасанд.

Омӯзгори Институти давлатии педагогии Чирчиқ бо ваъдаи дохил намудан ба муассисаи таълими олии мазкур ё худ ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд ба ду нафар шаҳрванд ваъда дод ва асонои гирифтани 6 ҳазор доллари ИМА ба даст афтод. Аз ин хусус департаменти мубориза алайҳи ҷинояти иқтисодии назди Сарпрокуратура хабар дод. Чорабинии таъҷилӣ аз ҷониби шуъбаи ноҳиявии (Шайхонтаҳур) департаменти зикршуда ва ХАД ба амал баромад ва кирдукори муаллим Ш.Э. фош гардид. Аз рӯи ин ҳолат дар асоси моддаи 168-ум (фиребгарӣ) ва моддаҳои 28, 211-уми Кодекси ҷиноӣ (ришват) кори ҷиноӣ кушода шуд ва тафтишот оғоз ёфт.

Аз ин пештар нафаре ҳам, ки мехост ба ивази 3 ҳазору 500 доллар абитуриентро ба Донишгоҳи тарбияи ҷисмонӣ дароварад, ба даст афтода буд. Ҳамчунин дар ноҳияи Мирободи пойтахт шахсе, ки бо ваъдаи дохил сохтан ба филиали Донишгоҳи давлатии Маскав аз нафаре 1 ҳазору 500 доллар гирифтан мехост, аниқ гардид.

Дар ноҳияи Каттақӯрғони вилояти Самарқанд ду нафар бо ваъдаи он ки оиди дар яке аз институтҳои Қазоқистон хонда истоданашон ҳуҷҷат тайёр карда медиҳанд, аз шаҳрванд Ш. ва ҷияни ӯ 4 ҳазору 200 доллар талаб мекунанд. Ҳарду аснои гирифтани пора дастгир мешаванд.

Кирдукори нафаре ҳам, ки чун роҳбари филиали Донишгоҳи технологияи хабарии Тошканд дар Самарқанд фаъолият мебурд, дар вақти гирифтани ришват ба миқдори 3 ҳазор доллар аз шаҳрванд Б.Т. фош карда шуд.

Ҷонишини декани Донишгоҳи давлатии Самарқанд Ш.П. аз донишҷӯи курси якум 500 доллар тамаъ кард ва ваъда дод кори назоратии ҷориашро мусбат ҳал мекунад. Ҳангоми қабули ин маблағ вай ба даст афтид.

Шаҳрванд Ф.А. Л.З. ном шахсро «бовар кунонд», бо кӯмаки шиносҳояш, ки дар идораҳои болоӣ кор мекунанд, ӯро ба Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошканд дохил мекунонад. Ба ивази ин 15 ҳазор доллари ИМА пурсид. Дар вақти гирифтани пул ба даст афтид ва бо моддаҳои дахлноки КҶ парвандаи ҷиноӣ кушода ва тафтишот оғоз ёфт.

Шахсҳое низ аниқ гаштанд, ки дар Шаҳрисабз барои дохил кунондан ба техникуми тиббии ба номи А.Сино аз ҳар 21 нафар 500 долларӣ гирифтаанд. Маълум шуд онҳо (М.Ф. ва И.Ш.) айни замон бо ваъдаи дохил кунондан ба Донишгоҳи давлатии Қаршӣ ва гирифта додани хона аз шаҳри Тошканд 17 ҳазору 500 доллари шаҳрванд С.-ро обу лой кардан хостаанд. Дар ноҳияи Мубораки вилояти Қашқадарё фиребгаре хостааст бо ваъдаи ба кор дохил кунондан ба сохтори Гвардияи миллӣ аз нафаре 4 ҳазор доллар ситонад. Тири ӯ низ хок хӯрд.

Ҷавонзане нафареро бовар кунондан хост, ки дугонааш дар Институти давлатии омӯзгории Чирчиқ дар яке аз вазифаҳои масъул кор мекунад. 4,5 ҳазор доллар диҳад, масъалаи ба институти мазкур дохил шудани шахси наздики ӯ ҳал мешавад. Дар вақти «додугирифт», ки дар назди мактаби миёнаи рақами 260-уми ноҳияи Юнусобод ба вуқӯъ пайваст, ба дасти зани фасодкор кишанг зада шуд.

Сабаб чист, ки ҳолатҳои коррупсионӣ ҳамон барҳам нахӯрда ва бо вуҷуди он ки ба ҳар амали нораво ҷазо муқаррар аст, тавре ба назар мерасад, ки онҳо авҷ гирифтаанд.

Мутахассиси Агентии мубориза алайҳи коррупсия Обидҷон Латифов қайд менамояд, дар мо ҳанӯз ҷаҳонбинии антикоррупсионӣ ташаккул наёфтааст. Ҳанӯз қисме боварии комил доранд, то пора надиҳӣ корат буд намешавад. Ба ин восита онҳо коррупсияро ҳатто «тарғиб» месозанд.

Ҷазо бояд таъсирноктар бошад, ҳар як инсон мазмун ва моҳияти коррупсияро фаҳмад. Омма ҳар қадар зиёд ва шуурнок бошад, ғалаба осон мекӯчад. Ҳар як шахс дар доираи фаъолияти худ бояд дар ин кор ҳисса гузорад, яъне мубориза алайҳи коррупсия вазифаи ҳама ва ҳар кас аст. Стратегияи мубориза дар ин самт тағйир меёбад. Доири мубориза алайҳи коррупсия лоиҳаҳои нави қарору фармонҳои Президент эълон мегарданд. Мувофиқи лоиҳаҳо, аз 1 январи соли 2022 молу мулк ва даромадҳои хидматчиёни давлатӣ, ҳамсар ва фарзандони онҳо декларатсия карда мешаванд. Рӯйхати коррупсионерҳо тартиб дода ва як қатор манъкуниҳо нисбати фаъолияти онҳо ҷорӣ мегарданд.

О.Латифов дар ақидаест фақат ба оқибатҳо саргарм шудан натиҷаи дилхоҳ намедиҳад, дар навбати аввал бояд ба муқобили сабабҳое низ, ки ин гуна ҳолатҳоро тавлид месозанд, муборизаи оштинопазир барем.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



**Яке аз элементҳои ба мактаби кашидадӯзии Нурато хос тасвири анор мебошад. Анор – бренди Нурато гӯем хато намешавад. Он рамзи бахту саодат.**

**Имрӯзҳо наздик ҳазор нафар занону духтарони нуратоӣ ба кашидадӯзӣ машғул буда, моҳе то 2-2,5 миллион сӯм даромад меёбанд.**

# МАҲСУЛОТИ «НУР СӮЗАНА» – ДАР БОЗОРИ ДУНЁ ХАРИДОРГИР



Як усто-ҳунарманд бо шогирдонаш то 50-60 миллион сӯм соҳиби даромад шуданаш мумкин. Он меҳнати осон нест. Сабру тоқат талаб мекунад ин ҳунар. Барои як сӯзанӣ ё кашидадӯзӣ, ба ҳаҷми он назар карда, ҳафтаҳо, ҳатто моҳҳо меҳнат мекунанд. Ҳоло дар корхонаи кашидадӯзии миллии «Нур сӯзана»-и ноҳия зиёда аз 30 навъ маҳсулот истеҳсол мешавад. Костюми занона, дастархон, болин, курта ва сӯзанаҳо дар асоси фармоиш дӯхта мешаванд.

Тамоми маҳсулот дастӣ офарида мешавад. Риштаҳо барои кашидадӯзӣ низ бо услуби қадимӣ ҳамин ҷо омода мегардад. Маҳсули меҳнати яке аз тарғиботчиёни фаъоли санъати ҳунармандӣ, узви иттиҳодияи «Ҳунарманд», роҳбари корхонаи оилавии «Нур сӯзана» Гулмира Исломова бо нафосат, ҷилои рангҳо ва гуногунии нақшҳо дилро ба ваҷд меоварад. Вай дар офаридаҳои худ аз композитсияҳое, ки дар онҳо гулпартоӣ акс ёфтаанд, моҳирона истифода мекунад, ба таъмини бардавомии нақшҳои анор, гули анор, гули бодом эътибор менигаронад.

Ба фикри вай, анор ва нақшҳои бодомшакл рамзи серфарзандӣ, бахт, меҳру муҳаббат ва аҳлӣ мебошанд.

Ба маҳсулоти корхонаи «Нур сӯзана» дар бозори дохилию берунӣ эҳтиёҷ торафт меафзояд. Хусусан солҳои охир ба ашёҳои табиӣ дар бозори ҷаҳон эҳтиёҷ калон. Сайёҳоне, ки аз хориҷ меоянд, ба ин гуна маҳсулоти миллии беҷирм таваҷҷӯҳ менигаронанд.

Бинобар он ки дар Туркия бозори ҷаҳонии сайёҳӣ мавҷуд, асосан ба ҳамин давлат экспорти «Нур сӯзана» ба роҳ монда шудааст. Дар асоси фармоиш ба ИМА, Русия, Арабистон барин мамлакатҳо низ маҳсулот дастрас гардонда мешавад. Бо мақсади фароҳам овардани қулаӣ ба сайёҳони хориҷӣ дар шаҳри Тошканд филиали ин корхона кушода шудааст. Дар шаҳри Самарқанд фаъолияти боз як дӯкон ба роҳ гузошта шуд.

Аз устохонаи шаҳри Нурато бошад, қадами меҳмонони маҳаллӣ ва хориҷӣ канда намешавад. Сабаб он аст, бевосита назорат кардани ҷараёни кашидадӯзӣ завқ ва гашти ба худ хос дорад.

**Дар сурат:** дар корхонаи оилавии «Нур сӯзана».

**Суратгир:**
**С. АСЛОНОВ (ЎзА).**

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-725. Адади нашр 5668, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.